Существуют также лица и группы, которые на основе общего объема и структуры своего капитала занимают среднее или промежуточное положение. Исходя из этого, социальное пространство делится на три класса: господствующий класс, который определяется превосходством капитала и, в свою очередь, делится на две группы: характерным признаком первой группы является экономический капитал, то есть традиционный господствующий капитал. Вторая группа - это новая буржуазия, которой больше присущ культурный потенциал, нежели экономический. Второй класс – мелкая буржуазия, занимающая в социальном пространстве промежуточное положение. Целью членов данного класса является повышение своего статуса до положения буржуазии. И наконец, народные массы, расположенные в конце социального пространства, основной чертой которых является отсутствие собственности и подвластность.

В наши дни мы являемся свидетелями того, как люди покупают множество товаров, которые являются больше символом и знаком, нежели материальным удовлетворением. Мобильные телефоны с расширенными возможностями, ноутбуки и целый ряд других товаров, которые с точки зре-

ния возраста, уровня образования, пола, семейного положения не удовлетворяют какие-либо нужды и потребности индивида, однако обладание ими кажется также необходимым. Это обстоятельство влечёт за собой усиление символизации и бесконечное потребление. Непрерывное пользование новыми версиями этих средств в городах Тегерана и Душанбе подтверждает сказанное.

Оптимистически взирая на потребителей, видимо, следует считать их эффективным субъектом в переходе от познавательной рефлексии, то есть использования специализированных знаний и познавательных символов в процессе деятельности, в сторону рефлексии или переосмысления, основанного на его эстетическом аспекте, как медийная продукция и услуги досуга в процессе социальной деятельности. Необходимо также учесть возрастающую важность и актуальность данного аспекта в создании индивидуальных идентичностей и в усилении этой рефлексии, естественно, могут оказать помощь средства массовой информации.

**Литература:**


1. Бурдье, Пьер. Формы капитала // Социальный капитал, доверие, демократия и расширение. Под редакцией Кеяна Таджбахша. Перевод Афшина Хакбаза и Хасана Пуяна,Тегеран, Тегеран, изд-во «Ширазе, 2005.
2. Гидденс, Энтони. Ускользающий мир. Как глобализация меняет нашу жизнь. Перевод Али Асгара Саиди и Юсефа Хаджи Абд-уль-Ваххаба, Тегеран, 2000;
3. Гидденс, Энтони. Модернизация, индивидуализация, общество и личная идентичность в новом веке. Перевод Насера Моваффакияна, издание 3-е, Тегеран, изд-во «Ней», 2004.
4. Льюис, Хаус и Скотт Джон. Социальный строй. Перевод Хасана Казияна,Тегеран, изд-во «Ней, 2006.
5. Robertson, Roland. The Globalization Paradigm: Thinking Globally. “New Development in Theory and Research: Religion and Social Order. Greenwich: JAI Press. 1991.



**Ш.Шоисматуллоев, Маҳасти Расулӣ**


## ТАЪСИРИ САРМОЯИ ФАРҲАНГӢ ДАР МУАЙЯН НАМУДАНИ СИНФҲОИ ИҶТИМОӢ


Дар мақола дар асоси натиҷаҳои тадқиқотҳои сотсиологӣ, ки аз ҷониби муаллиф дар шаҳрҳои Теҳрон ва Душанбе гузаронида шудааст, таъсири сармояи фарҳангӣ ба муайянкунии синфҳои иҷтимоӣ муайян мегарданд. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки аҳамиятнокии ҳар яке аз ду тағйирёбанда - сармояи иқтисодӣ ва фарҳангиро дар муайян намудани синфҳои иҷтимоии одамон дар Теҳрон ва Душанбе муайян намояд.



**Вожаҳои калидӣ:** синфҳои иҷтимоӣ, сармояи иқтисодӣ, сармояи фарҳангӣ, омилҳои сохторӣ, омилҳои субъективӣ, воситаҳои ахбои умум.



**Sh. Shoismatulloev., Mahasti Rasuli**


## INFLUENCE OF A CULTURAL CAPITAL SOCIAL CLASSES


On the basis of the results of sociological research, conducted by the author in the cities. Tehran and Dushanbe, the influence of cultural capital to certain social classes. The author tries to determine the significance of each of the two variables - economic and cultural capital in determining the social class of people in Tehran and Dushanbe.

**Key words:** social classes, economic capital, cultural capital, structural factors, subjective factors, the media.

## ҶОМЕАШИНОСӢ = СОТСИОЛОГИЯ

### Зан ва қолабҳо нисбати ӯ дар ҷомеаи муосири тоҷик

**Юсуфӣ Х.,**
**Содиқова Н.Н.**[1]

Мақолаи мазкур ба қолабҳо нисбати зан бахшида шудааст. Новобаста аз хусусиятҳои фардӣ, синнусолӣ, ҷинсӣ тасаввуроти қолабӣ нисбати зану мард асрҳо боқӣ мондааст. Инчунин қолабҳо вобаста ба миллат, дин, шароити таърихӣ, сиёсӣ ва ҷойгиршавии географию минтақавӣ фарқ мекунанд. Дар мақола таъкид мешавад, ки имрӯз мақоми зан дар ҷомеаи тоҷик, имкониятҳои ӯ, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳояш номутаносиб мебошад. Бояд тасаввуроти иҷтимоӣ нисбат ба занон ба меъёрҳои рафтори иҷтимоии онҳо алоқаманд бошад: агар худи занҳо фаъол нашаванд, танҳо бо барномаҳои давлатӣ ин камбудиҳоро бартараф карда намешавад. Дар мақола хулоса карда мешавад, ки зани тоҷик имруз метавонад моҳияти ҷонфидо, меҳрубон, ботаҳаммул бошад, ҳалимиашро нигоҳ дорад, нагузорад ҳуқуқҳояш поймол шавад ва ҳамзамон ҳамқадами замона бошад.

**Вожаҳои калидӣ**. Қолабҳо, дин, фарҳанг, зан, ҳуқуқи занҳо, имкониятҳои занҳо.

Имрӯз ҷомеаи Тоҷикистон дар симои зан на танҳо модар, хоҳар ва ҳамсар, балки сиёсатмадори шинохта, олими нуктасанҷ, сарвари муваффақ, соҳибкори саховатпеша, табиби ҳозиқ, донишманди асил, ҳимоятгари ҳифзи ҳуқуқ, ҳомии Ватан, деҳқони асил, бинокори номдор, мураббии наслҳо ва ҳамшираи меҳрубонро мебинад, ки ин мояи ифтихори ҳар яки мову шумо мебошад. [2]

Имрӯз мақоми зан дар оила ва ҷомеа моҳиятан тағйир ёфтааст. Мақоми зан дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон ва давоми ду ё се насли гузашта якранг ва дар як сатҳ набуд. Мисол, агар дар кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон, занон тадриҷан ҳуқуқҳои баробар бо мардонро ба даст оварда бошанд, дар баъзе минтақаҳо, баръакс, занҳо ё ҳуқуқҳои худро аз даст дода истодаанд ва ё тамоман ҳуқуқ надоранд. Албатта дар ҳар як ҷомеа қолабҳои гуногун нисбати зану мард вуҷуд доранд, ки ин қолабҳо асрҳо аз насл ба насл гузаштаанд. Анъанаҳое, ки нисбати симои зану мард вуҷуд доранд, садсолаҳо амал кардаанд. Ҳанӯз дар кӯдакӣ қолабҳо ба инсон таъсир мегузоранд, ҳоло кӯдак худаш чӣ будани моҳияти зан ва мардро намедонад, вале баъзан нодуруст дар зери таъсири ин қолабҳо мемонад. Новобаста аз хусусиятҳои фардӣ, синнусолӣ, ҷинсӣ тасаввуроти қолабӣ нисбати зану мард асрҳо боқӣ мондааст. Инчунин қолабҳо вобаста ба миллат, дин, шароити таърихӣ, сиёсӣ ва ҷойгиршавии географию минтақавӣ фарқ мекунанд. Мисол, дар дини насронӣ зан сарчашмаи макру фиреб ва ҳамаи бадбахтиҳои мард ҳисобида мешуд. То пайдоиши ислом дар нимҷазираи Арабистон кӯдакони навзодро, агар ҷинси зан бошад, мегӯронданд ва монанди инҳо. Чунин мисолҳо дар тамоми дунё хеле зиёд буданд. Баъди аз даст додани модаршоҳӣ чунин нобаробариҳо нисбати зан авҷ гирифта буд. Ин қолабҳо на фақат ба хусусиятҳои шахсии зану мард таъсир мерасонанд, балки рафтору кирдори онҳоро дар ҷомеа муайян мекунанд. Имрӯз мақоми зан ва мард дар ҷомеа яке аз масъалаҳои мураккабу гуногунҷабҳа мебошад. Бояд зикр кард, ки масъалаҳо низ дар ҷомеаҳои гуногун моҳиятан фарқ мекунанд. Имрӯз бояд муайян шавад, ки мақоми имрӯзаи зан дар ҷомеа аз гузашта чӣ фарқ мекунад, зери мафҳуми «ҷинс» чӣ дар назар дошта мешавад, «зан» ин

---

[1] Вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

[2] Эмомали Раҳмон. Суханронии Президенти Тоҷикистон ба муносибати Рӯзи модар. 6 марти 20015. Душанбе. http://www. president. tj/taxonomy/term/5/927

кист? Ба ин монанд саволҳое ҷой доранд, ки омӯхтани онҳо мубрам мебошад. Албатта дар як мақола ба ин саволҳо ҷавоб додан ғайриимкон аст. Мо мехоҳем танҳо баъзе нуктаҳоро оид ба мақоми зан дар ҷомеаи имрӯзаи тоҷик мавриди баҳс қарор диҳем.

Имрӯз мақоми зан дар ҷомеаи тоҷик, имкониятҳои ӯ, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳояш номутаносиб мебошад. Худи дарки ин масоил аз тарафи занҳои гуногун ба таври ягона тасаввур намешавад. Зани тоҷик дар давоми инкишофи ҷомеаи мо таъсири фарҳанги гуногунро аз сар гузаронид. Махсусан зани имрӯзаи тоҷик аз дигар занҳои минтақа ва ё ҳамфарҳанг фарқ мекунад. Ин ҷиҳат ба зани имрӯзаи тоҷик ҳам таъсири мусбат мерасонад ва ҳам таъсири манфӣ. Ҷои тазаккур аст, ки ҳар як насл бояд арзишҳоеро ҳамчун мероси фарҳангӣ қабул намояд, ки ҳам барои нигоҳдории фарҳангу миллат равона шавад ва ҳам ба пешрафти миллат халал нарасонад. Агар ба ҷумлаи пеш баргардем, зани тоҷик аз дигар занҳои минтақа чӣ фарқ дорад? Нисбати занҳои ҳамфарҳангу ҳамзабонамон – Эрону Афғонистон мо тарбияи дунявии шӯравиро дорем, нисбати занҳои ҷумҳуриҳои собиқ шуравӣ мо фарҳанги бою ҳазорсолаи худро нигоҳ доштем. Зани тоҷик таҷассумгари фарҳанги ориёӣ, исломӣ ва советӣ мебошад. Имрӯз вазифаи мо ҳамин аст, ки тамоми арзишҳои неки фарҳанги гузаштаро нигоҳ дошта, аз он зуҳуроте, ки зани тоҷикро ба қафомондагӣ ва ё ба беномусӣ мерасонад, даст кашем. Агар мудоҳилаи саривақтии давлати имрӯзаи тоҷик намешуд, баъд аз пошхӯрии Давлати Советӣ, бо шикастани қолабҳои идеологӣ мо аз он пешравиҳое, ки дар ин давра зани точик ба даст овард, ба монанди маҳви бесаводӣ, соҳиби маълумоти олӣ ва касб шудан, шикастани баъзе қолабҳо аз қабили нобаробарии зану мард дар гирифтани маълумоти касбӣ, ишғоли мақоми роҳбарикунанда, интихоби ҳамсар ва монанди инро низ қариб аз даст медодем. Албатта камбудиҳо дар давраи советӣ буданд, лекин аз даст додани асосҳое, ки барои инкишофи худшиносии зан мусоидат менамуданд, куллан ғалат мешуд. Хушбахтона, сиёсати давлати мо барои он равона шудааст, ки мақому манзалати зани тоҷик дар ҷомеа ҷои худро нигоҳ дорад. Барои тасдиқи ин гуфтаҳо санадҳои меъёрие, ки дар давраи Истиқлол қабул шудаанд, мисоли равшан мебошанд:

–Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо (аз 1.03.05с, №89);

–Барномаи давлатии тайёр кардани мутахассисон аз ҳисоби занон ва мусоидат ба шуғли онҳо барои солҳои 2012-2015;

–Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2007 – 2016;

–Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа;

Ин санадҳо барои таъмини иштироки фаъолонаи занон дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва идораи давлат, тақвияти мақоми иҷтимоии зан ва солим гардонидани генофонди миллӣ, болоравии нақши зан дар таҳкими пояҳои ахлоқию маънавӣ ва сулҳу ваҳдат равона шудааст.

Худи пайдоиши чунин санадҳо далели онанд, ки аксар ҳуқуқҳои занҳо поймол мешаванд ва давлат барои бартараф намудани ин камбудӣ тадбирҳо меандешад. Омилҳои вайроншавии ҳуқуқи зан боқӣ мондани қолабҳои анъанавию динӣ; надонистани ҳуқуқҳои худ; паст будани сатҳи маърифати мардҳо ва занон; шароити демографӣ; ва шароити иҷтимоӣ мебошад. Ин ҳама омилҳо сабаби он мегарданд, ки аксар вақт худи занҳо барои ҳуқуқи худашон як ҳолати бетарафиро мегиранд. Рафъи ин бетарафӣ танҳо дар ҳолате имконпазир мегардад, ки агар маърифати занҳо баланд бошад. Баъзан ҳолатҳое мешавад, ки занҳои мо мехоҳанд проблемаи онҳоро давлат ҳал кунад, гӯё худашонро бад кардан намехоҳанд. Дар чунин ҳолатҳо ҳуқуқвайронкуние, ки нисбати чунин

занон ба амал меоянд, пурра аз байн бурда намешавад.

Умуман ба мавқеи зани имрӯзаи тоҷик баҳои якхела додан ғайриимкон аст. Имрӯз ҷомеаи тоҷик дар ин масъала ба як тасвири тарзи абстраксионизм шабоҳат дорад, ки якранг нест. Яке аз сабабҳои вайроншавии оилаҳо низ дар гуногунҷабҳа будани мақому мавқеи занҳо дар ҷомеа мебошад. Бухрони инқилобиеро, ки Маркс нисбат ба ҷомеа баён намудааст, ба вазъи баъзе оилаҳо шабоҳат додан мумкин: баъзан мардҳо монанди пештара занҳоро идора ва таъмин карда наметавонанд, дар навбати худ занҳо монанди пештара итоат кардан намехоҳанд. Албатта ин падидаи хуб нест. Мо тарафдори инқилоби занҳо нестем, дар ҳама гуна ҳолат бояд меъёр бошад. Меъёр, ки вайрон шавад, сифату шакл низ тағйир меёбад. Ҷомеаи мо ҷомеаи тамаддунию суннатӣ мебошад ва онро сифатану шаклан тағйир додан ба мақсад мувофиқ нест. Он ақидае, ки маорифпарвари асри 18 Шарл Жозеф де Лин мегӯяд, ки «Мардҳо қонунҳо меофаранд, занҳо ахлоқ», имрӯз моҳиятан тағйир ёфтааст, «Занҳо имкони ҳам қонун офаридан ва ҳам ахлоқ офариданро доранд», фақат мардҳо ва худи занҳо имрӯз бояд инро қабул намоянд. Мисолҳои фаровон овардан мумкин, масалан ҳайати Парламенти имрӯзаи Тоҷикистон (12 зан), ҳайати олимони тоҷик (2 академик, сафи зиёди докторону номзадҳо аз ҳисоби занон), интихобу ҷобаҷогузории кадрҳо (қариб дар тамоми сохторҳои давлатӣ занҳо дар мақомоти роҳбарикунанда мебошанд), ва монанди инҳо.

Барои бартараф намудани нобаробарии иҷтимоию ҳуқуқии занҳо бояд чунин қолабҳоро ба монанди «зан махлуқи комил нест ва моҳиятан мутеъ мебошад», «зан нисбати мард махлуқи пасттар аст, зеро тангназар ва заиф аст», «моҳияти ботинии зан гӯё ягон арзиш надорад», «гӯё вазифаи бунёдии зан ин хизмат ба мард бошад», «зан бидуни модар ва объекти шаҳвати мард будан, дигар зарурат ва вазифа надорад, дигар ҳама дуюмдараҷа» ва дигару дигар. Сабаби чунин ақидаҳо он аст, ки зан худ моҳиятан ҷонфидо, меҳрубон, ботаҳаммул, ва ҳалим аст, ки ин ҳама хислатҳои беҳтарини ахлоқи ҳамида дониста мешаванд. Акнун тасаввур кунед, ки имрӯз баъзе занони мо аз ин чизҳо рӯй мегардонанд. Барои чӣ? Барои он ки, баъзан мардҳо аз ин бешармона суистифода мекунанд ва ё тафаккурашон паст аст.

Имрӯз бояд тасаввуроти иҷтимоӣ нисбат ба занон ба меъёрҳои рафтори иҷтимоии онҳо алоқаманд бошад, инчунин ҷиҳатҳои сифатии иҷтимоӣ ва психологии алоқамандии зану мард мавриди баррасӣ қарор гирад. Албатта дар боло ин нуктаро зикр намудем, лекин такрор ҳам шавад, агар худи занҳо фаъол нашаванд, танҳо бо барномаҳои давлатӣ ин камбудиҳоро бартараф карда намешавад. Он барномаҳое, ки дар боло зикр намудем, танҳо дар ҳолате таъсиргузор хоҳанд буд, ки узви ҷомеа – марду зан онро на фақат барои ҳалли ягон мушкилии худ истифода баранд, балки моҳияти онҳоро дарк намуда, баробарии иҷтимоии зану мардро бе ягон шубҳа қабул намоянд, дар навбати худ занҳо бояд моҳияти тамаддунию физиологии худро фаромӯш накунанд. Боз инро бояд зикр намоем, ки ҷомеаи тоҷик доимо иффати занро бештар мепазирад. Шояд баъзе занҳо ба ин розӣ нашаванд, лекин ба ақидаи мо зани тоҷик метавонад моҳияти ҷонфидо, меҳрубон, ботаҳаммул бошад, ҳалимиашро нигоҳ дорад, нагузорад ҳуқуқҳояш поймол шавад ва ҳамзамон ҳамқадами замона бошад. Таърихи даврони шӯравӣ исботи он шуда метавонад. Ҳамаи мо модарону модаркалонҳои худро дар ёд дорем, онҳо дар тамоми соҳаҳои ҷомеа фаъол буданд, ҳатто ба баъзе нобаробариҳои иҷтимоӣ нигоҳ накарда, аз уҳдаи иҷрои вазифаҳои худ сарбаландона мебаромаданд, дар хона кадбонуи беҳтарин, модари меҳрубон, чӣ дар хона ва чӣ дар ҷомеа зани боиффату боимон буданд. Имрӯз, ки шароит барои зан мусоидат мекунад, барои чӣ мо аз ҳуқуқҳои худ истифода набарем. Баробарҳуқуқ будан танҳо мафҳуми онро надорад, ки зан фақат ҳуқуқҳои худашро донаду ҳуқуқҳои

дигаронро поймол кунад. Ҳуқуқ на фақат ба ибодат, балки бояд ҳуқуқ ба кору касбомӯзӣ, донишандӯзӣ низ дар назар дошта шуда бошад.

Чун имрӯз дар ҷаҳони муосир равандҳои хатарноке пайдо шудаанд, ки ба нестии миллат оварда мерасонанд ва ба якпорчагию амнияти давлат таҳдид доранд, аз мақоми суннатии зан – модар истифода бурда, иштироки занро дар тарбияи насли наврас хирадмандона истифода бояд кард. Ҳамин тариқ, на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ, тӯли садсолаҳо, сарфи назар аз зӯровариҳо аз тарафи қувваҳои гуногун нисбати занон, зан на танҳо кадбонуи хонаву оила, балки нигоҳдорандаи арзишҳои ахлоқи ҳамида ва анъанаҳои волои фарҳангии миллати худ, хазинаи дониши ҳам шифоӣ ва ҳам хаттӣ, ба ибораи дигар, дабистони ибтидоӣ барои фарзанди худ буд. Дар гузаштаи халқи мо занҳое буданд, ки новобаста аз маълумот доштан ва ё надоштанашон, кӯшиш менамуданд, ки барои соҳибмаълумот будани фарзандонашон ҷидду ҷаҳд намоянд. Махсусан бо ташаббуси занҳо барои духтарон мактабҳо ташкил шуда буданд, ки дар асарҳои Ҷалол Икромӣ ва Садриддин Айнӣ дар ин бора баён шудааст. Имрӯз, ки миқдори занони соҳибмаърифат дар ҷомеаи мо зиёд мебошад, аз он бояд фаровон истифода бурда, дар бораи зиёд намудани сафи он тадбирҳо андешем ва барои амалӣ намудани барномаҳои давлатӣ худи мо занон фаъол бошем.

**Юсуфи Хайриниссо,**
**Садыкова Н.Н.**

**Женщина и стереотипы о ней в современном таджикском обществе**

**Тезисы.** Статья посвящена анализу стереотипов в отношении женщин. Независимо от индивидуальных, возрастных, и половых особенностей, стереотипные представления существуют веками. Стереотипы также отличаются в зависимости от национальности, религии, исторических и политических условий и географического положения. В статье отмечается, что на сегодняшний день статус женщины в таджикском обществе, её возможности, права и обязанности не всегда соответствуют друг другу. Необходимо привести социальные представления в соответствие с установлениями: если сама женщина неактивна, невозможно преодолеть все недостатки только с помощью государственных программ. В статье заключается, что сегодня таджикская женщина может быть самоотверженным, любящим, терпеливым и нежным существом, но в то же время, она не должна допускать попирания своих прав и должна идти в ногу со временем.

**Ключевые слова:** стереотипы, религия, культура, женщина, права женщин, возможности женщин.

**Yusufi Khairinisso, Sadikova N.N.**

**Woman and stereotypes about her in the modern Tajik society**

**Abstract.** This article analyzes the stereotypes of women. Regardless of the individual, age, and gender features, stereotypes exist for centuries. Stereotypes also differ depending on nationality, religion, historical, and political conditions and geographical location. The article notes that today, the status of women in Tajik society, their opportunities, rights and obligations do not always correspond to each other. It is necessary to bring social representations in accordance with established ones, since if the woman is inactive, it is impossible to overcome all the shortcomings only by governmental programs. The article concludes that today the Tajik woman can be devoted, loving, patient and gentle creature, but at the same time, she should prevent the discrimination of her rights and must keep pace with the time.

**Keywords**: stereotypes, religion, culture, women, women's rights, women's opportunities.

# ҲОЛАТИ ШУҒЛИ МАЪЮБОН ДАР ТОҶИКИСТОН
## (таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ)

**Х. Зеваров**[1]

Дар мақола яке аз масъалаи муҳими бозори меҳнат - бо кор таъминкунии шахсони дорои имкониятҳои маҳдуди қобилияти корӣ дошта мавриди таҳлил қарор дода шуда, мушкилоти ҷойдошта бо далелҳои тадқиқоти сотсиологӣ дида баромада шудаанд. Муаллиф роҳҳои имконпазири таъмини шуғли маъюбонро дар давраи ҳозира пешниҳод менамояд.

**Вожаҳои калидӣ:** қобилияти кории маъюб, шуғли маъюбон, ҷойҳои махсуси кории маъюбон, квотаи ҷойҳои корӣ, меҳнати дастии маъюб, офиятбахшии меҳнатии маъюб, дармонбахшии меҳнатии маъюб; эрготерапия, бозомӯзии маъюбон, муассисаи иҷтимоӣ, созмонҳои ҷамъиятии маъюбон, корхонаи таълимӣ - истеҳсолӣ, муассисаи таълимӣ - иҷтимоии офиятбахшӣ.

Масъалаи бо кор таъмин намудани шахсони дорои имкониятҳои маҳдуди қобилияти корӣ дар ҷомеаҳои муосир ҳамчун яке аз аломатҳои сатҳи эътирофу пайравии онҳо аз арзишҳои мансуб ба давлати иҷтимоӣ ба шумор меравад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ новобаста аз мушкилоти мавҷуда солҳои охир дар ин самт иқдомҳои ҷолиби таваҷҷӯҳ ҳам дар сатҳи дастгирии қонунгузории ин раванд ва ҳам дар амалия андешида шудаанд. Заминаҳои умдаи чунин амалияро давлати Тоҷикистон дар мӯҳтавои Сарқонуни худ пешбинӣ намуда, минбаъд барои татбиқи ин ҳадафҳо чорабиниҳои муҳимеро ҳам дар сатҳи қонунгузорӣ ва ҳам амалӣ роҳандозӣ намуда аст.

Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд моддаҳое дорад, ки ҳуқуқҳои калонсолон ва кӯдакони маъюбро фаро мегиранд, аз он ҷумла:

- Моддаи 17 изҳор мекунад, ки “Ҳама дар назди қонун баробаранд. Мардон ва занон баробарҳуқуқанд";
- Моддаи 34 изҳор мекунад, ки “давлат барои ҳифзи кӯдакони ятим, маъюб ва таълиму тарбияи онҳо ғамхорӣ менамояд”;
- Моддаи 35 ҳуқуқ ба кор ва ҳимояи иҷтимоиро ҳангоми бекорӣ муқаррар мекунад;
- Моддаи 36 ҳуқуқ ба манзилро муқаррар мекунад;
- Моддаи 38 ба ҳамаи шахсон ҳуқуқ медиҳад, ки аз ёрии тиббии ройгон дар муассисаҳои нигаҳдории тандурустии давлатӣ истифода намоянд:
- Моддаи 39 таъминоти иҷтимоиро ҳангоми беморӣ, маъюбӣ, гум кардани қобилияти кор, кафолат медиҳад;
- **Моддаи 41 ҳуқуқ ба таълимро муқаррар мекунад.**

Кӯшишҳо баҳри таъмини ҳуқуқҳо ва талаботи шахсони маъюб тавассути чорчӯбаи ҳуқуқӣ ва сиёсии миллӣ ва байналхалқӣ танзим карда мешаванд. Бино ба маълумоти расмӣ оид ба ҳифзи иҷтимоӣ 18 қонунҳо ба шахсони маъюб дахл доранд, аммо аксарияти қонунҳои мазкур ба таври пурра татбиқ карда намешаванд. То имрӯз Барномаи давлатии ҳамаҷониба, ки ба ҳуқуқҳои шахсони маъюб таваҷҷӯҳ зоҳир кунад, ё Дастурамале, ки ба татбиқи қонунҳо таҳким бахшад, таҳия нашудааст. Ғайр аз ин, захираҳои молиявӣ, инсонӣ ва техникӣ барои таъмини самараноки фарогирӣ ва кафолати ҳуқуқҳои калонсолон ва кӯдакони маъюб кофӣ нестанд. Илова бар ин, шахсони маъюб ва оилаҳои онҳо шояд аз ҳуқуқҳои худ бохабар нестанд [2].

Санади ҳуқуқии асосии дахлдор дар ин самт Қонуни нави Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон” (рақами 675) мебошад, ки он 29 декабри соли 2010 қабул шуда буд. Қонуни мазкур «Қонун дар бораи ҳифзи иҷтимоӣ»- и соли 1991-ро иваз мекунад ва пешравии назаррасро дар чорчӯбаи ҳуқуқӣ барои таъмини ҳуқуқҳои шахсони маъюб дар Тоҷикистон ифода мекунад. Қонуни нав “чорчӯбаи ҳуқуқӣ, иқтисодӣ

[1] Муаллими калони кафедраи кори иҷтимоии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

[2] Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2015. Душанбе, 2013.

ва ташкилиро барои ҳифзи иҷтимоии маъюбон ва таъмин намудани онҳоро бо имкониятҳои баробар ба ҳаёт ва ҳамгирої ба ҷомеа муқаррар мекунад. Қонун инчунин ҳифзи иҷтимоии маъюбонро чун "низоми тадбирҳои аз ҷониби давлат кафолатдодашудаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ, ки ба маъюбон ҷиҳати бартарафсозӣ ё ҷуброни маҳдудияти фаъолияти ҳаёти шароит муҳайё менамояд ва ба фароҳам овардани имконияти баробари иштироки онҳо бо дигар шаҳрвандон дар ҳаёти ҷомеа равона карда шудааст», муайян мекунад.

Шаш боби қонун дорои 36 модда буда, масъалаҳои ба монанди кӯмаки тиббӣ, офиятбахшӣ, таълим ва омӯзиш, имтиёзҳо ва дигар ҳуқуқҳои маъюбонро дар бар мегиранд[1]. Барои татбиқи пурраи қонун 12 Қарорҳо зарур мебошанд, ки қадамҳои аникро барои татбиқнамоӣ пешниҳод мекунанд. То ҳол панҷ қарор қабул карда шудааст: оид ба беҳтаркунии табобати санаторию истироҳати шахсони маъюб: қоидаҳои пешниҳоди воситаҳои техникии офиятбахшӣ ба шахсони маъюб (аз 3 декабри 2011 - рақами 604); доир ба таъсиси Шӯрои ҳамоҳангсозӣ оид ба ҳифзи иҷтимоии маъюбон (аз 31 декабри 2011 - рақами 682); ва оиди тасдиқи андоза ва тартиби расонидани хизматрасониҳои иҷтимоии ройгон (аз 13 декабри 2012 - рақами 724).

Дар Қонун «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон» аз соли 2010 изҳор карда мешавад, ки он дар заминаи ҳуқуқҳои инсон таҳия карда шудааст. Лекин дар амалия якчанд моддаҳо то ҳол модели тиббӣ ва хайрияви инъикос мекунанд. Масъалан, моддаи 8 оид ба салоҳияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба «ташкили расонидани кӯмакҳои хайрия ва инчунин кӯмаки унвонии иҷтимоӣ ба маъюбон» дахл дорад ва моддаи 9 ҳам ба масъалаи "расонидани хизматҳои иҷтимоӣ ва хайрия ба маъюбон" бахшида шудааст. Илова бар ин, моддаи 1 шахсони маъюбро чун "шахсе, ки дар натиҷаи нуқсёбии саломатӣ бо коҳиши устувории вазифаҳои организм аз беморӣ, ҷароҳат, иллати ҷисмонӣ ва ақлонӣ боиси маҳдуд шудани фаъолияти ҳаётӣ гардидааст ва ба ҳифзи иҷтимоӣ ниёз дорад», муайян мекунад. Баръакс, муносибат дар асоси ҳуқуқи Конвенсия оид ба ҳуқуқҳои шахсони маъюб (Минбаъд КҲШМ) таваҷҷӯҳи асосиро ба монеаҳо ба фарогирӣ, на вазъияти шахс медиҳад.

Бисёрии ҳуқуқҳо ва масъалаҳое, ки дар Қонун аз соли 2010 баррасӣ карда шудаанд, мутобиқи КҲШМ мебошанд. Новобаста аз ин тахлили киёсии хамаи конунхои дахлдор аз чониби коршиноси хукукй зарур аст, то ин ки ягон камбудии мавчудае, ки бояд пеш аз ҳамроҳшавӣ ба КҲШМ ҳал гардад, муайян карда шавад. Дар Қонуни мазкур дар моддаи 25. Таъмиии дастрасии бемамониати маъюбон ба иншооти инфрасохторӣ ва воситаҳои нақлиёт нишон дода шудааст, аз он ҷумла:

1.Мақомоти ҳокимияти давлатӣ, худидоракунии шаҳрак ва даҳот, дигар ташкилотҳо барои дастрасии бемамониати маъюбон (инчунин маъюбоне, ки аз аробачаҳои маъюбӣ истифода мебаранд) ба иншооти иҷтимоии инфрасохторӣ (истиқоматӣ, ҷамъиятӣ, биноҳои истеҳсол) иншооти варзишӣ, мавзеъҳои истироҳатӣ, муассисаҳои маданӣ маърифатӣ «аз дигар; иншооту муассисаҳо), инчунин барои истифодаи бемамониат аз нақлиёти роҳи оҳан, ҳавоӣ, нақлиёти автомобили байнишаҳрӣ ва ҳамаи намудҳои нақлиёти мусофирбарии шаҳрӣ ва наздишаҳрӣ, воситаҳон алоқа ва иттилоотӣ шароит фароҳам меоранд.

2.Лоиҳакашӣ ва сохтмони шаҳрҳо, дигар маҳалҳои аҳолинишин ташкили минтақаҳои истиқоматӣ ва истироҳатӣ, таҳияи лоиҳаҳои нав сохтмон ва азнавсозии биноҳо, иншоот ва маҷмуаи онҳо бе мутобиқ гардониданашон барои дастрасӣ ва истифодабарии маъюбон иҷозат дода намешавад.

3.Маблағгузории хароҷоти фароҳам овардани шароит барои дастрасии бемамониати маъюбон ба иншооти инфрасохтори муҳити нақлиётӣ ва иҷтимоӣ, инчунин барои истифодаи бемамониат гузаштан аз роҳи оҳан, наклиётӣ - ҳавоӣ ва ҳамаи намудҳои

[1] Маҷмӯи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба ҳифзи иҷтимоӣ ва хизматрасонӣ ба аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Д., 2011.- С.23.

нақлиёти мусофирбари шаҳрӣ, ноҳиявӣ ва байниноҳиявӣ, воситаҳон алоқа ва иттилоотӣ: ҳисоби соҳибмулкони иншооти мазкур амалӣ карда мешавад

4. Бо мақсади фароҳам оварданн шароити мусоид ба маъюбе ташкилотҳое, ки талаботи аҳолиро ба хизматрасонии нақлиётӣ таъмин менамоянд, ӯҳдадоранд, ки истгоҳҳо, фурдгоҳҳо ва дигар иншоот, инчунин воситаҳои наклиёташонро бо таҷҳизоти махсус муҷҷаҳаз гардонанд, то ин ки маъюбон имконияти истифодаи бемамониатро аз иншооту воситаҳо дошта бошанд[1].

Дар моддаи 26 оид ба таъмини шуғли маъюбон зарурати татбиқи амалӣ намудани тадбирҳои зерин пешбинӣ шудааст:

1. Ба маъюбон тавассути баргузор намудани чорабиниҳои махсуси зерин, ки дараҷаи рақобатпазирии онҳоро дар бозори меҳнат боло мебардоранд, кафолатн шуғли меҳнатӣ дода мешавад:

- дар ташкилотҳо новобаста ба шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликияташон квотаҳо барои ба кор қабул намудани маъюбон ва ҳадди ақали теъдоди ҷойҳои махсуси корӣ барои онҳо муқаррар карда мешаванд;

- ҳавасмандгардонии ташкилотҳо барои таъсис додани ҷойҳои иловагии корӣ (аз ҷумла ҷойҳои махсуси корӣ) ҷиҳати бок ор таъминкунии маъюбон;

- фароҳам овардани шароити меҳнати мутобиқ ба барномаҳои инфиродии тавонбахшии маъюбон;

- фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти соҳибкории маъюбон;

- ташкил намудани омӯзиши касбҳои нав барои маъюбон.

2. Дар ташкилотҳо новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликияташон ҳангоми на камтар аз 20 нафар будани шумораи кормандони онҳо ба андозаи на камтар аз панҷ фоиз аз шумораи умумии кормандон ба маъюбон барои ба кор қабул кардан квота муқаррар карда мешавад.

3. Ҳадди ақали теъдоди ҷойҳои махсуси корӣ барои бо кор таъмин кардани маъюбон ба ҳар як ташкилот дар доираи квотаи муқарраргардидаи ба кор қабул намудани маъюбон муайян карда мешавад.

4. Барои ташкилотҳое, ки маъюбонро ба кор таъмин мекунанд, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон андозбандии имтиёзнок муқаррар карда мешавад.

Дар моддаи 27 ҳуқуқҳои маъюбон дар муносибатҳои меҳнатӣ нишон дода шудаанд:

1.Барои маъюбоне, ки кор мекунанд, аз ҷониби корфармоёни онҳо мутобиқ ба барномаи инфиродии тавонбахшии маъюбон шароити зарурии меҳнат фароҳам оварда мешавад.

2. Имтиёзҳои иловагии маъюбон вобаста ба давомнокии кӯтоҳи вақти корӣ, рухсатиҳои иловагӣ, инчунин дигар кафолатҳо дар муносибатҳои меҳнатӣ тибқи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба танзим дароварда мешаванд[2].

Мисолҳои дигари қонунҳо ва санадҳон меъёриву ҳуқуқӣ, ки ба ҳифзи иҷтмоии маъюбон дахл доранд, инҳоро дар бар мегиранд:

- Қонун дар бораи шикоятҳои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2012 ба шахсони маъюб механизми муқарраршудаи шикоятҳои расмиро барои баррасии масъалаҳои ташвишовар ва таъмини ҳуқуқҳои онҳо пешниҳод мекунад.

- Қонун «Дар бораи стандартҳои иҷтимоии давлатӣ» аз соли 2009 заминаи ҳуқуқиро барои таҳия ва қабули меъёрҳо ва стандартҳои хизматрасонии иҷтимоӣ муқаррар мекунад.

- Қонун «Дар бораи ҳимояи тиббии шаҳрвандони мубталои диабети қанд» заминаи ҳуқуқиро барои ҳимояи категорияи мушаххаси шахсони осебпазир тасвир мекунад.

- Қонун «Дар бораи фармоиши иҷтимоии давлатӣ» аз соли 2008 механизмеро ба Ҳукумат барои маблағгузории хизматрасониҳои иҷтимоӣ барои маъюбон

[1] Маҷмӯи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба ҳифзи иҷтимоӣ ва хизматрасонӣ ба аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Д., 2011.- С.21.

[2] Маҷмӯи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба ҳифзи иҷтимоӣ ва хизматрасонӣ ба аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Д., 2011.- С.23.

ва ташкилотҳои онҳоро намояндагикунанда пешниҳод мекунад.

- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи андоза ва тартиби пешниҳоди хизматрасониҳои иҷтимоии ройгон» аз 13 декабри 2012, №724, ки заминаи ҳуқуқиро барои ҷоринамоии мушаххасот ва стандартҳои хизматрасонӣ фароҳам меовард.

- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси Муассисаи давлатии маҷмуаи таълимию таҷрибави кори иҷтимоӣ ва инноватсия» аз 2 ноябри 2012, №628 барои рушди минбаъдаи низоми таҳсилоти миёна ва омӯзиши мутахассисони кори иҷтимоӣ, нигоҳубини иҷтимоӣ ва дигар мутахассисони соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ.

- Қарордоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи тасдиқи фармоиши стандартӣ оид ба ташкили гендер барои хариди иҷтимоии давлатӣ аз моҳи майи соли 2012, №230/3.

- Тартиби расонидани кумаки иҷтимоӣ дар хона аз соли 2009, ки ба кормандон иҷозат медиҳад, ки ба кӯдакони маъюб дар хонаҳояшон хизмат расонанд.

- Дастурамал оид ба Шӯъбаи хизматрасонии иҷтимоӣ ва масъалаҳои ҳифзи иҷтимоии оила ва кӯдаки ВМҲИА аз соли 2009, ки якчанд чорабиниҳое, ки бояд дар соҳаи ҳифзи иҷтимои амалӣ шаванд, тасвир мекунад, аз он ҷумла: пешниҳоди дастурамал ва бурдани назорат аз болои муассисаҳои статсионарии ВМҲИА: татбиқи чораҳо барои мутобиқшавии иҷтимоии шахсоне, ки маъюбии ақлӣ ва ҷисмонӣ доранд; ва пешниҳоди таълим ва хизматрасониҳои офиятбахшӣ барои кӯдакони маъюб.

- Қарордоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи афзоиши ёрии иҷтимоӣ ба оилаҳо ва шахсони камбизоат".

- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Консепсияи ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 26 декабри 2006, №783, ки ба ҳамаи гурӯҳҳои осебипазир, аз ҷумла шахсони маъюб бахшида шудааст. Консепсия таҳияи стандартҳои иҷтимоиро ҳамчун яке аз ҳадафҳои асосииислоҳоти низоми ҳифзи иҷтимоӣ муайян мекунад. Консепсия инчунин афзалиятҳоро ба монанди беҳтаркунии низоми суғуртаи иҷтимоии давлатӣ тавассути ёрии иҷтимоии унвонӣ муайян менамояд.

- Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тасдиқи Рӯйхати маҳсулоти махсус барои истифодаи шахсии маъюбон, ки таъмин ва воридоти онҳо аз пардохти андози арзиши иловагӣ озод аст” (бо тағйиротҳое, ки мувофиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистона аз 1.07.2010, зери № 346 ворид карда шудаанд).

Ҳифзи иҷтимоии категорияи мазкури аҳолӣ, инчунин дар ду ҳуҷҷати асосии мамлакат оид ба сиёсати миллии рушд ҳамчун масъалаи афзалиятнок муайян карда шудааст, ки онҳо заминаро барои вусъат додани фаъолияти сохторҳои ҳукуматӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҷонибҳои дигари манфиатдор дар таҳкими ҳифзи иҷтимоии маъюбон фароҳам месозанд.

Бояд қайд намуд, ки дар сархати 3 қисми 4 моддаи 16 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ ва сархати 2 қисми 1 моддаи 26 Конуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон” оид ба пешбинӣ ва истифодаи маблағҳо ҷиҳати таъсиси ҷойҳои корӣ барои шаҳрвандони бекори ба ҳифзи иҷтимоӣ мӯҳтоҷ ва баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии маъюбон дар бозори меҳнат тадбирҳо пешбинӣ шудаанд. Мутаассифона, то имрӯз муқаррароти бандҳои дар боло зикршудаи қонунҳои номбаршуда бе амал боқӣ монда, дар қисмати молиявии «Барномаҳои мусоидат ба шуғли аҳолӣ» чунин маблағҳо пешбинӣ нашудаанд. Дар асл ин маблағҳое мебошанд, ки ҷиҳати таъсиси ҷойҳои кории махсус барои табақахои осебпазир бояд ба корфармоён ҷудо карда шаванд. Ба маънои дигар, ин маблағҳо барои ҳавасмандгардонии корфармоён ҷиҳати таъсиси ҷойҳои корӣ барои табақаҳои осебпазир пешбинӣ ва пардохт карда шаванд ва ин гуна ҷойҳои корӣ, ҷойҳои кории субсидияшуда (махсус маблаггузоришуда) номида мешаванд. Бо назардошти ин ҳолат мувофиқ ба мақсад аст, ки аз ҷониби раёсату шӯъбаҳои даҳлдори Вазорат лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қоидаҳои таъсис ва ҷорӣ намудани

ҷойҳои кории субсидияшуда» таҳия карда шавад.

Дар Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба меҳнати маъюбон ду мода бахшида шудаанд:

Дар моддаи 151 бо сабаби вазъи саломатӣ ба кори сабуктар гузаронидани корманд нишон дода шудааст. Мутобиқи ин модда корфармо вазифадор аст кормандонеро, ки бо сабаби вазъи саломатӣ, аз ҷумла маъюбӣ, бемории касбӣ ё дигар сабаби носолимии вобаста бо иҷрои уҳдадориҳои меҳнатӣ ба кори нисбатан сабуктар эҳтиёҷ доранд, бо мувофиқии онҳо ва мутобиқи хулосаи тиббӣ онҳоро муваққатан ё бе маҳдудияти мӯҳлат бо чунин кор гузаронида, ба андозаи зарурат ҷойҳои нави кор, сеху, қитъаҳо ташкил намояд[1].

Музди меҳнати кормандоне, ки бо сабаби вазъи саломатӣ ба кори дигар мегузарад ё кумакпулии онҳо аз рӯйи суғуртаи иҷтимоӣ бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохта мешавад.

Дар ҳолатҳое, ки бо сабаби маъюбии меҳнатӣ, бемории касбӣ ё дигар сабаби носолимии вобаста бо иҷрои уҳдадориҳои меҳнатӣ зарурати тағйири ихтисос пеш меояд, корфармо вазифадор аст барои оқилона ба кор таъмин намудани корманди мӯҳтоҷи такмили ихтисос бозомӯзии ӯро бо нигоҳ доштани музди миёнаи меҳнаташ дар давраи мазкур, аммо на зиёда аз дувоздаҳ моҳ ташкил намояд.

Агар шароити истеҳсолот ба ташкили оқилонаи бо кор таъмин намудани корманди дар ҷараёни кор маъюбшуда, бемории касбӣ ё дигар сабаби носолимӣ вобаста бо иҷрои уҳдадории мехнатӣ руйдода имкон надиҳад, шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ бо ӯ қатъ карда, кӯмакпулиаш пардохта мешавад.

Андозаи кӯмакпулӣ бо ризоияти ҳар ду тараф муайян карда мешавад ва ҳаҷми он набояд аз маоши миёнаи шашмоҳа камтар бошад.

[1] Здоровье населения и проблема профилактики инвалидности в Республике Таджикистан. Душанбе, 2014.- С. 70.

Дар моддаи 152 чораҳои иловагӣ дар мавриди ҳифзи меҳнатии маъюбон нишон дода шудаанд:

Корфармо вазифадор аст маъюбонеро, ки мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ бо мақсади ба кор таъмин кардани онҳо фиристодааст, бо ҳисоби квотаи муқарраршудаи ба кор қабул намояд.

Тавсияҳои Хадамоти давлатии ташхиси тиббию иҷтимоиро оид ба низоми вақти нопурраи корӣ, сабуктар кардани кор ва дигар шароити меҳнати маъюбонаро иҷро кардани корфармо ҳатмӣ мебошад.

**Барои маъюбони коркунанда рӯзи шашсоатаи кор бидуни кам кардани музди меҳнат муқаррар карда мешавад.**

**Ба маъюбони гурӯҳҳои I ва II бо давомнокии 42 рӯзи тақвимӣ ва барои маъюбони гурӯҳи III бо давомнокии 35 рӯзи тақвими рухсатии меҳнатӣ дода мешавад.**

**Маъюбонро ба кори шабона, ҳамчунин ба изофакорӣ, ба кори рӯзҳои истироҳат танҳо бо ризояти худашон ва ба шарте ҷалб кардан мумкин аст, ки чунин корҳо бо нишондодҳои тиббӣ манъ карда нашуда бошад.**

Аз рӯйи маълумотномаи расмӣ дар аввали соли 2014 168881 маъюб дар Тоҷикистон ба қайд гирифта шудаанд, ки аз ин миқдор 62835 нафар то синни 18 – сола ва 25283 нафар аз кӯдакӣ маъюб мебошанд. Аз ин миқдор 2186 нафар ҳангоми иҷрои ӯҳдадориҳои вазифавӣ дар мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ ва хизматчиёни ҳарбӣ маъюб шудаанд, 465 нафар - иштирокчиёни амалиётҳои ҳарбӣ дар Афғонистон, 377 нафар - иштирокчиёни барқарорнамоии сохти конститутсионӣ дар ҶТ, 1120 - кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, 326 нафар - хизматчиёни ҳарбӣ, 686 нафар иштирокчиёни ҶБВ, 1267 нафар - «чернобилчиён»[2].

Тибқи таснифоти маъюбият дар кишвар дар асоси ташхиси тиббӣ-иҷтимоӣ бо дарназардошти дараҷаи гум кардани қобилияти корӣ 12 фоиз маъюбон ба

[2] Дастовардҳои соҳаҳои меҳнат, шуғл ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар 20 соли истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2011.- С. 36.

гурӯҳи якум, 35 фоиз ба гурӯҳи дуввум ва 53 фоиз ба гурӯҳи севвум дохил мешаванд. Чуноне ки маълум аст:

*Гурӯҳи якуми маъюбӣ* ба бемороне, ки ба худ хизмат расонида наметавонанд ва ба кӯмаки доимии шахсони бегона, парасторӣ ё назорат мӯҳтоҷанд, муқаррар карда мешавад.

*Гурӯҳи дувум,* дар мавриди вайроншавиҳои намоёни функсияҳои вуҷуд (организм), ки ба кӯмакрасонии пурра ниёз надоранд, муқаррар карда мешавад. Ба ин гурӯҳ шахсоне дохил мешаванд, ки дар онҳо корношоямии доимӣ ё дарозмуддати пурра сар зада бошад ҳам, аммо ба парастории шахсони дигар ниёз надоранд. Ҳамаи намудҳои меҳнат ба онҳо ба муддати дароз зиднишондод дорад, зеро ҷараёни беморӣ дар натиҷаи фаъолияти меҳнатӣ метавонад бадтар гардад.

*Гуруҳи севуми маъюбӣ,* дар мавриди хеле паст гардидани қобилияти корӣ, ҳангоме ки аз рӯи вазъи саломатӣ гузарондан ба кор аз рӯи ихтисоси дигар ва тахассусаш нисбатан пасттар зарур аст; тағйиротҳои бештари шароитҳои корӣ, вобаста ба ихтисоси худ, зарурат доранд, ки ба маҳдудияти бештари ҳаҷми фаьолияти истеҳсолӣ оварда мерасонад; аз боиси вайроншавиҳои аёнгардидаи функсионалӣ дар шахсони дорои тахассуси паст ё пештар кор накарда, имкониятҳои бо кор таъминнамоӣ бештар маҳдуд мегарданд, муқаррар карда мешавад.

Тартиби татбиқи ин муқаррароти дар қонунгузориҳои ҶТ вобаста ба шуғли маъюбон пешбинишуда ҷузъи муҳими фаъолияти ниҳодҳои расмию ғайрирасмиро ташкил медиҳад. Барои дарку тасвири масъалаҳои дар ин раванд ҷойдошта дар ин ҷо ба таҳлили фаъолияте чанде аз ин гуна ниҳодҳо рӯй меорем.

Ташкилоти Ҷамъиятии Нобиноёни Ҷумҳурии Тоҷикистон аввали соли 2014 9832 нафар аъзо дошт, ки дар ҷамъияти нобиноён 630 нафарашон дар сохторҳои он кор мекунанд[1].

Дастгоҳи Садорати Марказии Ташкилоти Ҷамъиятии Нобиноёни Ҷумҳурии Тоҷикистон (ТҶН ҶТ) аз 20 нафар иборат аст, ки 60%-и онҳоро маъюбон аз руйи нобиноӣ ташкил медиҳанд. Ташкилоти Ҷамъиятии Нобиноёни Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2007 дар Вазорати адлияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон такроран аз қайд гузашта, номи худро дигар кардааст.

Назди Ташкилоти Ҷамъиятии Нобиноёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ёздаҳ, корхона мавҷуд аст. Аз давраи шӯравӣ сар карда корхонаҳои мазкур маҳсулоти зеринро истеҳсол мекарданд: сарпӯши бонкаҳо, арғамчин, ҷузъдон, розетка ва васлакҳо, пук барои зарфи шишагӣ ва ғ., мутаассифона, алҳол на ҳамаи ин корхонаҳо фаъолият мекунанд, зеро нарасидани ашё, технологияи кӯҳна, мавҷуд набудани маркетинги дуруст, корношоям шудани биноҳо ва азнавсозӣ ва таъмири асосиро талаб кардани онҳо андозҳои калон барои ба роҳ мондан ва пешравии фаъолияти онҳо мамониат мекунанд. Ин мушкилот боиси бекор мондани маъюбони нобино мегардад.

Таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ки ба системаи нави омодасозии кадрҳо ва бо кор таъмин кардани бенефитсиарҳо гузаштан зарур аст. Дар бисёр давлатҳои рӯ ба тараққӣ ниҳода, маъюбон аз рӯйи нобиноӣ дар баробари одамони солим дар соҳаҳои гуногун: чун мутарҷимон, таҳиягарони барномаҳои компютерӣ, ҳуқуқшиносон, психологҳо кор мекунанд. Барои мусоидат кардан ба маъюбон қабул кардани қонун «Дар бораи квотаҳо» ба мақсад мувофиқ аст.

Иттиҳодияи миллии маъюбони Тоҷикистон, ки имрӯз зиёда аз 77181 нафар маъюбонро дар 57 сохторҳои шаҳрӣ ва ноҳиявии худ муттаҳид менамояд, дар асоси барномаи «Хоҷагии ёрирасон» дар 34 ноҳия бо майдони умумии 300 га зиёда аз 4 ҳазор маъюбони қобилияти коридоштаро ва оилаҳои онҳоро бо ҷойҳои корӣ таъмин намудааст.

Дар литсеи касбии маъюбон имрӯз аз байни 68 нафар омӯзгорон ва 4 нафар устодони таълимоти истеҳсолӣ, 12 нафарашон маъюб мебошанд.

---
[1] Каримова М.Т., Муминова Ф.М., Боҳирова С.С. Ташкили кори иҷтимоӣ дар Тоҷикистон. Душанбе, 2011. - С.25.

Дар заводи ортопедӣ – протезии ш. Душанбе аз байни 50 нафар кормандон 10 нафарашон маъюбанд.

Дар ташкилоти ҷамъиятии «Лигаи занони маъюбон» «Иштирок» аз 14 нафар кормандон 7 нафарашон занони маъюби маълумоти олидор мебошанд.

Ҷамъияти маъюбони ш. Душанбе «Имконият» соли гузашта 15 ҷойи кориро барои маъюбон таъсис дод, аз он ҷумла сехи дӯзандагӣ кушод, аммо ба сабаби арзон набудани нархи маҳсулот даромад ба даст намеояд.

Бояд қайд кард, ки мусоидат намудан ба кор таъминкунии маъюбон яке аз ҳадафҳои асосии оинномавии созмонҳои ғайриҳукуматии мазкур мебошад, ки дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ фаъолият менамоянд: дар шаҳри Душанбе - «Прогресс», «Сигма», «Медсервис», «Чашмаи Эҳсон», дар ш. Хуҷанд – «Рангинкамон», «Маркази рушди демократия», дар ш. Кӯлоб – «Мушфиқи маъюбон», дар ш. Хоруғ – «Маҷрӯҳон», дар ш. Панҷакент – «Нури Умед», дар ш. Турсунзода – «Малика».

Аммо ба сабаби мутамарказ набудани омори шуғли маъюбон дар бораи рақамҳои бокортаъминшавии маъюбон аз тарафи ин созмонҳо мо маълумоти аниқ оварда наметавонем.

Дар ин ҷо мо чанд маълумотро аз ҳаёту фаъолияти маъюбони ноҳияи Бохтари вилояти Хатлон, ки дар асоси мусоҳиба ба даст оварда шудаанд, барои хулосабарорӣ пешниҳод менамоем.

Яке аз роҳҳои ба даст овардани маълумотҳо оиди шуғли маъюбон – ин натиҷаҳои тадқиқоти сотсиологӣ нисбати ҳаёту фаъолияту маъюбони Тоҷикистон мебошанд. Чунончӣ, аз тарафи ташкилотҳои ғайриҳукуматии «Бюро оид ба ҳуқуқҳои инсон ва риояи қонунгузорӣ» «Лигаи занони маъюб - иштирок» дар соли 2012 дар вилояти Суғд оид ба амалишавии ҳуқуқҳои маъюбон тадқиқоти сотсиологӣ гузаронда шуд [23, 58].

**Шуғли меҳнатии маъюбон.** Аз 164 нафар маъюбони дар пурсиши сотсиологӣ иштирокдошта 60 нафар маъюбон қайд карданд, ки кор мекунанд (38 нафар занони маъюб ва 22 нафар – мардони маъюб). Занон қайд карданд, ки дар соҳаи савдои чакана (фурӯши покатҳо, нон, рӯзномаву маҷалла, спортлото ва ғайра), дӯзанда кор мекунанд. Аксарияти онҳо ҷойи кориро бо ёрии хешу табор ё шиносони наздик ёфтаанд. Як қисми онҳо бо ёрии ташкилотҳои ҷамъиятии маъюбон соҳиби ҷойи кор шудаанд. Танҳо 3 нафар қайд кардаанд, ки хадамоти шуғли аҳолии ш. Исфара ба онҳо барои ҷойи кор ёфтан кӯмаки мушаххас расондааст.

Барои аксарияти кормандони маъюб ҷойҳои кориашон маъқуланд, яъне онҳо аз ҷойҳои кориашон қаноатманд мебошанд. Зиёда аз нисфи кормандони маъюб қайд намуданд, ки дар ҷойи корӣ онҳо имтиёзҳо доранд, яъне вақти кори онҳо камтар аст ва рухсатии иловагии меҳнатӣ мегиранд. Як қатор кормандони маъюб сабаби мавҷуд набудани имтиёзҳоро дар маҳдудияти имконоти молиявии корхона мебинанд. Миқдори ками маъюбон оиди имтиёзҳои худ чизеро намедонанд.

Оиди низоми квотаи ҷойҳои корӣ барои маъюбон Зиёда аз нисфи посухдиҳандагон чунин ҳисоб мекунанд, ки мавҷуд будани низоми квотаҳои ҷойҳои корӣ мушкилоти бакортаъминшавии маъюбонро метавонад осон нардонад. 24 фоизи маъюбон қайд намуданд, ки квота характери расмӣ дорад. Нисфи занони коркунандаи маъюб тарафдори ақидаи квота барои маъюбон бошанд ҳам, нисфи дигари онҳо ба квота боварӣ надоранд.

Сабабҳои озодшавӣ аз кор ва кӯмакрасонии ташкилотҳои ҷамъиятӣ 50 фоизи онҳо, ки пештар кор карда буданд ва баъдан аз кор озод шудаанд, қайд намудаанд, ки сабаби аз кор озодшавии онҳо бад шудани ҳолати саломатиашон мебошад.

Аз рӯйи ақидаи онҳо ҳалли масъалаи корёбӣ аз худи маъюб ё аз ташкилотҳои ҷамъиятии маъюбон вобаста мебошад.

Масъалаҳои бокортаъминшавии маъюбон Аксарияти маъюбони коркунанда қайд намуданд, ки бе ягон хел мушкилот ҷойи кор ёфтан мумкин аст. Ба хусус маъюбоне, ки дар соҳаи соҳибкории хурду миёна кор мекунанд, чунин ақидаро дастгирӣ менамоянд.

***Бекории маъюбон.*** Аз байни ҳамаи иштирокчиёни тадқиқоти сотсиологӣ 104 нафарашон кор намекунанд. Сабаби асосии

бо кор таъмин набудани онҳо – пеш аз ҳама бад будани ҳолати саломатии маъюбон мебошад. Сабаби дигар – надоштани таҷрибаи кори лозимӣ мебошад. Дар байни сабабҳо – кам будани музди меҳнати пешниҳодшуда мебошад.

18 фоиз қайд намуданд, ки корфармоён хоҳиши ба кор гирифтани шахси маъюб ё волидони кӯдаки маъюбдоштаро надоранд.

Як қатор посухдиҳандагон қайд кардаанд, ки дар муассисаҳои давлат маъюбонро ба кор қабул намекунанд.

38 фоиз посухдиҳандагон қайд намудаанд, ки дар ҷустуҷӯйи ҷойи кори мувофиқу арзанда мебошанд.

15 фоиз посухдиҳандагон қайд кардаанд, ки агар чанде нафақа гиранд ҳам, онҳо мӯҳтоҷи ҷойи кор ҳастанд.

35 фоизи посухдиҳандагон мӯҳтоҷи ҷойи корӣ нестанд.

Тадқиқотҳои сотсиологӣ, таҳлили қонунгузориҳои амаликунанда, мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки агар чанд оид ба ҷойи кор таъмин кардани маъюбон дар корхонаҳо 5-6% квота ҷудо карда мешаванд, вале дар асл амалия дигар аст. На ҳамаи роҳбарон хоҳиши ба кор гирифтани маъюбонро доранд. На ҳамаи маъюбон ва шахсони онҳоро нигоҳубинкунанда ҳуқуқҳои иҷтимоии маъюбонро медонанд ва иҷрои онҳоро талаб карда метавонанд. Дар афкори умум чунин ақида ҷой дорад, ки одамони солим ҷойи кор надоранд, ҳоло он ки маъюб нафақа мегирад. Маъюбонро аз ҷанбаи амсилаи тиббӣ мебинанд, на аз ҷанбаи амсилаи иҷтимоӣ.

Аксарияти иншоотҳо барои ҳаракати (даромадан, баромадан) маъюбон номусоид мебошанд. Ҷойхои кории махсус барои маъюбон ташкил нашудаанд.

Ба ғайр аз он, ба таври расмӣ оиди шуғли маъюбон маълумотҳои оморӣ чоп намешаванд. Пурсишҳои сотсиологӣ нишон доданд, ки 48% маъюбон мехоҳанд барои ташкили ҷойҳои корӣ ба онҳо аз тарафи мақомотҳо кӯмак расонда шавад ва соҳибкории маъюбон дастгирӣ карда шавад.

37%-и маъюбон хоҳиш доранд, ки имтиёзҳо барои кори маъюбон дар қонунгузории амалӣ сабуктар карда шаванд (имтиёзҳои андозсупорӣ, имтиёзҳо барои иҷораи замин, иҷораи манзил). Барои корфармоёне, ки меҳнати маъюбонро истифода мебаранд, имтиёзҳо дода шаванд.

35%-и маъюбон хоҳиш доранд, ки тибқи талаботи бозори меҳнат доираи рӯйхати ихтисосҳои барои меҳнати маъюбон мувофиқ васеъ карда шавад.

30%-и маъюбон зарур мешуморанд, ки корфармоён бояд барои меҳнати маъюбон шароитҳои махсус муқаррар намоянд.

Танҳо 10%-и маъюбон қайд кардаанд, ки агар корфармоёнро барои фароҳам наовардани шароитҳои махсуси корӣ ва ҷойҳои корӣ барои маъюбон муҷаззот мегирифтанд, он гоҳ масъалаи бакортаъминкунии маъюбон тезтар ҳалли худро меёфт.

Маълумотҳои дар боло овардашударо ба инобат гирифта, мо чунин пешниҳодҳо дорем:

1) Дар Ҷаласаи Шӯрои ҳамоҳангсоз оид ба ҳифзи иҷтимоии маъюбон, ки дар назди Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ» аз соли 2011 таъсис дода шудааст, нахуст масъалаи «Вазъи шуғли маъюбон» дар ҷумҳурӣ мавриди баррасӣ қарор дода шавад ва минбаъд мунтазам ҳисоботи роҳбарони муассисаҳои иҷтимоӣ оиди бунёди ҷойҳои корӣ барои маъюбон шунида шавад ва нақшаи чорабиниҳои мушаххас доир ба ҳалли ин масъала тасдиқ карда шавад.

2) Лозим аст, ки аз тарафи хадамоти тиббӣ-ташхисӣ «Тавсияномаҳо оид ба шароитҳои корӣ ва намудҳои меҳнати маъюбон» омода карда шавад.

3) Лозим аст, ки Кумита кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон боре ҳам дар ҷаласаи худ масъалаи «Вазъи шуғли занони маъюб»-ро муҳокима намояд ва барои ҳалли ин масъала чораҳои амалӣ андешад.

4) Ба Кумита кор бо ҷавонон, сайру саёҳат ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лозим аст, ки масъалаи «Вазъи шуғли ҷавонони маъюб»-ро дар ҷаласаи худ дида бароянд ва чорабиниҳо қабул намоянд.

5) Хеле хуб мешуд, ки Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо занон ва оила, Кумитаи кор бо ҷавонон, сайру саёҳат ва варзиш якҷоя дар мавзӯи

«Вазъи шуғли маъюбон» як маводи таҳлилӣ омода карда, ба Ҳукумати ҶТ фикру пешниҳодҳои худро ирсол намоянд.

6) Хеле хуб мешуд, ки Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи меҳнат, шуғл ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ аз тарафи роҳбарони корхонаҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ риоя шудани қонунгузории амалкунандаро оид ба шуғли маъюбон мунтазам мавриди омӯзиш ва назорат қарор дода, аз фаъолияти ҳарсолаи худ ба воситаҳои ахбори омма ҳисобот медод.

7) Ҳангоми ташкил ва гузаронидани ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ барои маъюбон низ ҷойҳои кори махсус пешниҳод карда шаванд.

8) Лозим аст, ки таҷрибаи соҳибкорони ватанӣ оид ба таъсиси ҷойҳои корӣ барои маъюбон омӯхта шавад ва бо ёрии ВАО тарғиб карда шавад.

**Адабиёт**

1. Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2015. Душанбе, 2013.
2. Барномаи давлатӣ оид ба ҳифзи иҷтимоии маъюбон барои солҳои 2014-2015. Душанбе, 2011.
3. Барномаи давлатии тайёр кардани мутахассисон аз ҳисоби занон ва мусоидат ба шуғли онҳо барои солҳои 2012-2015.
4. Воҳидов Э. Не жалейте нас // Азия-плюс, 2014. №94. 8 дек.
5. Ғоибов М. Асосҳои тиббӣ-иҷтимоӣ. Душанбе, 2013. С. 70
6. Ғоибов М. Ташхиси қобилияти корӣ ва тавонбахшӣ// Асосҳои тиббӣ иҷтимоӣ. Душанбе, 2014. С. 203-211
7. Дастовардҳои соҳаҳои меҳнат, шуғл ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар 20 соли истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2011. С. 145-150
8. Здоровье населения и проблема профилактики инвалидности в Республике Таджикистан. Душанбе, 2014. С. 36-38
9. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2013
10.Конвенсия оид ба ҳуқуқҳои шахсони маъюб. Душанбе, 2008
11.Конститутсияи (Сарқонуни) ҶумҳурииТоҷикистон. Душанбе, 1994.
12. Кордармонӣ // Луғати мухтасари энсиклопедии тоҷикӣ ба русии кори иҷтимоӣ. Душанбе, 2013. С. 195-196
13. Каримова М.Т., Муминова Ф.М., Боҳирова С.С. Ташкили кори иҷтимоӣ дар Тоҷикистон. Душанбе, 2011. С. 52-57
14. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон. Душанбе, 2010
15. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ. Душанбе, 2012
16. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 682 аз 31.12.2011 «Дар бораи таъсиси Шӯрои ҳамоҳангсоз оид ба ҳифзи иҷтимоии маъюбон».
17. Мальцев С.Б. Эрготерапия как новое направление социальной помощи в Республике Таджикистан // Материалы научно-практической конференции «Проблемы трудовых отнощений и социального развития в Таджикистане. 29-30 октября 2010. Душанбе, 2010.
18. Маннонов А. Ограниченные во всем//Азия - плюс, 2014. №33. 1 мая.
19. Маҷмӯи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба ҳифзи иҷтимоӣ ва хизматрасонӣ ба аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Д., 2011.
20. Муҳаммадиев Д., Муминова Р.Х. Социально-медицинские аспекты восстановления трудоспособносты инвалидов // Материалы республиканской научно-практической конференции. «Трудовые отношения и социальная защита населения» 25 – 25 ноября 2005 г. Душанбе, 2006. С. 76-79
21. Программа Партнерства Фонда АБИЛИС в Республике Таджикистан в 2013 году. Душанбе, 2014. С. 5-9
22. Соблюдение прав лиц с ограниченными возможностями в Согдийской области. Отчёт по результатам мониторинга. Худжанд, 2011.
23.Соблюдение прав лиц со ограниченными возможностями в Согдийской области Республики Таджикистан. Отчет по результатам мониторинга. 2-я фаза. Худжанд, 2012. С.39-57
24. Ҳисоботи солонаи Ҷамъияти нобиноёни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2013. Душанбе, 2014
25. Ҳисоботи солонаи Ҷамъияти ношунавоёни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2013. Душанбе, 2014
26. Ҳисоботи фаъолияти Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоӣ, шуғли аҳолӣ ва

мухоҷират дар соли 2011. Душанбе, 2012. С. 20-22
27. Ходжиева М. Социальная защита женщин – инвалидов // Материалы республиканской научно – практической конференции «Проблемы развития рынка труда в Таджикистане (28-29 октября 2011 г.), Душанбе, 2011. С. 269 - 272
28. Шаропов М.Т. Деятельность и проблемы государственной службы по надзору в сфере труда, занятости и социальной защиты населения в решении некоторых вопросов социально-трудовых отношений // Материалы республиканский научно- практический конференции «Проблемы трудовых отношений и социального развития Таджикистане». 23-24. х. 2008. Душанбе, 2009. С. 94-99.
29. Handicap INTERNATIONAL. Потребности лиц с ограниченными возможностями в республике Таджикистан. Душанбе, 2012. С. 59-71.

**Х. Зеваров**

**Состояние занятости инвалидов в Таджикистане**

В статье рассматривается одна из важнейших проблем рынка труда - трудовая занятось лиц с органиченными возможностями, имеющих трудовые способности. На основе данных социологических исследований показаны проблемы трудоустройства инвалидов. Автор предлагает возможные пути решения проблем занятости инвалидов в настоящее время.

**Ключевые слова:** трудоспособность инвалида, занятость инвалидов, специальные рабочие места для инвалидов, квота рабочих мест, ручной труд инвалида, трудовая терапия инвалида, эрготерапияпреподготовка инвалидов, социальное предприятие, общественные организации инвалидов, учебно-производственный комбинат, учебносоциальное реабилитационное предприятие.

**H. Zevarov**

**The employment of Persons with disabilities situation in Tajikistan**

This article discusses one of the most important problems of the labor market - employment of persons with their limits opportunities with labor skills. On the basis of sociological studies show the problem of employment of persons with disabilities. The author proposes possible solutions to the problems of employment of persons with disabilities at the moment.

**Keywords:** disabled persons, employment of persons with disabilities, special jobs for persons with disabilities, the quota of jobs, manual labor disabled, handicapped occupational therapy, occupational therapy, retraining people with disabilities, social enterprise, Public organizations of persons with disabilities Training and Production Plant, educational and social rehabilitation enterprise

## СИЁСАТШИНОСӢ = ПОЛИТОЛОГИЯ

# ТАНЗИМИ ИҶТИМОӢ-СИЁСӢ ВА ҲУҚУҚИИ МУНОСИБАТҲОИ ОИЛАВӢ

**М.Т. Маҳмадҷонова**[1]

Хулоса, шарҳу тафсири тамоми меъёрҳои сиёсӣ ва ҳуқуқии муносибатҳои оилавӣ дар ҶТ масъалаи хеле муҳим буда, фаъолияти тамоми қишрҳои гуногуни ҷомеа, алалхусус худи занон, ҳамчунин олимони соҳаи ҷомеашиносиро ҷиҳати барҳам додани хурофот ва аз байн бурдани зуҳуроти номатлуб дар оиладории тоҷикро металабад.

**Вожаҳои калидӣ:** муносибатҳои оиладорӣ, оила, анъанаҳо, меъёрҳо, ҳуқуқ, ҷомеашиносӣ

Масъалаи муқаррар кардани меъёрҳои сиёсӣ ва ҳуқуқии муносибатҳои оилавӣ дар ҷомеаи имрӯза хеле муҳим буда, аҳамияти фардӣ, иҷтимоӣ ва сиёсиро дорост. Мусаллам аст, ки оила - хурдтарин хишти ҷомеаи мо ба ҳисоб меравад, ба он маънӣ, ки он модели хурди ҷомеа буда, ба ҳифзи иҷтимоӣ ва амниятӣ ниёз дорад.

Дар оила тамоми масъалаҳои иҷтимоӣ инъикос ёфта, ба он таъсири худро ворид менамоянд. Амният, субот ва оромии оилаи алоҳида таъмингари амнияти ҷомеа аст. Бинобар ин Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаҳои оила диққати ҳамаҷониба дода, онро яке аз муҳимтарин самти рушди фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии кишвар қарор дода аст ва татбиқи сиёсати иҷтимоии худро аз тариқи беҳбуд бахшидани вазъи оила, таҳким бахшидани ниҳоди оила амалӣ менамояд.

Ба ҷанбаҳои сиёсии танзими муносибатҳои оилавӣ ниҳодҳои иҷтимоие дохил мешаванд, ки ба оила таъсири бевоситаву бавосита доранд: аз ҷумла давлат, ташкилотҳои ғайридавлатӣ, масҷид, бизнес, шахсони алоҳида ва х.к. Сиёсати оила дар заминаи меъёрҳои фарҳангии ҷомеа матраҳ мешавад, гарчанде баъзе ҷанбаҳои он, бо таъсирҳои муайяни хориҷии таърихӣ ва сиёсӣ, аз муҳити иҷтимоӣ-фарҳангии беруна низ ворид шуда метавонанд.

Аслан муносибатҳои оилавӣ дар заминаи ҳуқуқи оилавӣ танзим карда мешавад. Аз ҷиҳати иҷтимоӣ ҳуқуқи оилавӣ воситаи идоракунии оила аз тарафи давлат мебошад, зеро давлат наметавонад ба муносибатҳои шахсии аъзоёни оила бо дигар роҳ таъсир ворид намояд. Ниҳоди оила, муносибатҳои оилавӣ, фарҳанги оиладорӣ хусусияти тағйирпазирӣ доранд. Аз ҷиҳати иҷтимоӣ ба трансформатсияи оила ва никох таъсири дин ва фарҳанг хеле калон аст. Ин ҳолат махсусан ба ҷомеаҳои анъанавӣ, назири ҷомеаи тоҷик, хос аст, ки дар он укладИ динӣ, таъсири одату расму оин хеле назаррас мебошад.

Ин аст, ки масъалаи беҳбуд бахшидани вазъияти иҷтимоӣ ва ҳуқуқии оила аз ҷумлаи мубрамтарин масъалаҳои давлат ва ҳукумати ҷумҳурӣ ба ҳисоб рафта, қисми муҳим ва таркибии сиёсати иҷтимоии онро ташкил медиҳад. Масъалаи мазкурро ҳукумат ва давлати кишвар бо масъалаи накш, мақому манзалати занон дар ҷомеа, инчунин бо масъалаи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои аъзоёни оила, аз чумла кӯдакону пиронсолон вобаста карда, марҳала ба марҳала ҳал намуда истодааст.

Марҳилаи навбатии рушди раванди таҳкими ниҳоди оила дар ҶТ - Соли Оила эълон шудани соли 2015 мебошад, ки онро Президенти кишвар дар Паёми худ ба вакилони мардумӣ 23 январи соли 2015 махсус шарҳ дода аст. Дар ин маврид Президенти кишвар нисбати чандин барномаҳои махсуси давлатӣ, ки ҷиҳати таҳкими накши занону бонувон дар мақоми роҳбарӣ, таҳкими давлатдорӣ, солимии ҷомеа ва пойдориву устувории оила муҳокима ронда, мефармояд, ки сиёсати кишвар нисбати **«дастгирӣ намудани занон ҳамчун чароғи оила, нерӯи созандаи ҷомеа ва ҳимоятгару идомабахши беҳтарин анъанаҳои миллӣ ва дар сохтору**

[1] Мудири шӯъбаи ИФСваҲ АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон, д.и.ф.

**мақомоти давлатӣ сафи онҳоро бештар намудан»** равона гардидааст.

Президенти кишвар махсусан дар масъалаи пош хӯрдани оилаҳои ҷавон, ки шумораи онҳо сол ба сол зиёд мегардад, ташвишашро иброз дошта, таъкид намуд, ки **«Мувофиқи маълумоти оморӣ соли 2014 аз 95500 ақди никоҳи бақайдгирифташуда 9 ҳазораш бекор шудааст, ки нисбат ба соли 2013-ум 9,5 фоиз зиёд аст»**[1]. Сабаби ин ҳолат - омода набудани ҷавонон ба зиндагии мустақилона, рӯз ба рӯз афзудани никоҳи хешовандони наздик, ки сабаби таваллуди кӯдакони маъюби модарзодӣ ва ирсӣ мешавад, мебошад. Инчунин аз волидайни гирифтори нашъамандӣ низ фарзандони маъюб ба дунё меоянд, ки шумораи ин гуна нафарон рӯз то рӯз афзуда истодааст.

Президенти кишвар ба дигар сабаби проблемаҳои оила - масъалаи бе муоинаи пешакии тиббӣ хонадор кардани фарзандон, вазъи саломатии онҳоро ба эътибор нагирифтани волидон, пинҳон кардани бемориӣ ё одатҳои бади фарзандон - ишора карда, онро хамчун яке аз монеаҳои асосии беҳбуди оила номид.

Дар айни замон тибқи моддаи 15 Кодекси амалкунандаи оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иҷрои он барои ҳамаи шаҳрвандони ҶТ ҳатмӣ аст, муоинаи тиббии шахсони никоҳшаванда, инчунин додани машварат доир ба масъалаҳои тиббиву генетикӣ ва масъалаҳои солимгардонии оила аз ҷониби муассисаҳои давлатии нигаҳдории тандурустии маҳалли истиқоматии онҳо ба таври ройгон татбиқ мегардад. Аммо ин тадбир тибқи муқаррароти қонун, феълан танҳо бо ризоияти шахсони никоҳшаванда анҷом дода мешавад. Вале никоҳшавандагон хеле кам аз ин ҳуқуқи муқаррарнамудаи қонун истифода мекунанд.

Дар паём Президенти кишвар масъалаи муоинаи ҳатмии пешакии тиббии издивоҷкунандагон ва пешгирӣ намудани никоҳи байни хешовандони наздикро барои муҳокимаи якҷоя ва ҳаматарафа бо мардум ва ҷомеаи шаҳрвандӣ пешниҳод намуд.

Роҳбари давлат ба масъалаҳои маърифати оиладорӣ алоҳида таъкид карда, тавсия дод, ки дар синфҳои болоии мактабҳои таҳсилоти умумӣ курсҳои махсуси таълими маърифат ва одоби оиладорӣ ба роҳ монда шавад.

Ҷанбаи дигари масъалаи мазкур-ёдоварӣ аз он меъёрҳои ҳуқуқие мебошад, ки дар мавриди таҳкиму устувории оила таҳия шудаанд: (КО, К танзими расму оин, К оид ба хукуки кудак, К оид ба пешгирии зуровари дар оила). ҶТ бо силоҳи қонун ниҳоди оиларо таҳким мебахшад, дар барпо кардани оила мавҷудияти меҳру муҳаббат, дастгирии ҳамдигар ва масъулиятро асос медонад, ба мудохилаи дигарон ба корҳои оила роҳ намедиҳад ва барои аъзоёни оила татбиқи бемонеаи ҳам ҳуқуқ ва ҳам ӯҳдадориҳоро дар шакли додани имконияти ҳифзи судии онҳо медиҳад.

**Ҳуқуқи оилавӣ** муносибатҳои оилавӣ, яъне муносибатҳои шахсӣ ва муомилоти молӣ вобаста ба онҳо, ки байни шаҳрвандон ҳангоми издивоҷ, хешовандӣ, қабул ба фарзандӣ ба вуҷуд меоянд, танзим менамояд. Қисми зиёди ин гуна муомилот ғайримолиявӣ буда, аксаран бо муносибатҳои молиявӣ мепайванданд. Муҳаббат, издивоҷ, эҳтироми ҳамдигар, озодии шахсӣ, боварӣ нисбати ҳамдигар, масъулиятшиносӣ ва амсоли онҳо ба муносибатҳои **ғайримолиявӣ** дохил мешаванд. Аммо издивоҷ муомилоти **молиявиро** низ ба вуҷуд меоварад – моликияти умумӣ, ӯҳдадориҳои парастории моддии ҳамдигар, парвариши кӯдакон ба вуҷуд меоянд. Муносибатҳои шахсии ғайримолиявӣ дар оила албатта асосӣ мебошанд. Аммо муомилоти молиявиро низ аз назар дур кардан маънӣ надорад. Дар муносибатҳои оилавӣ манфиатҳои бунёдии инсон татбиқи худро меёбанд.

Дар муқаррароти умумӣ Кодекси оила мафҳуми оиларо шарҳ дода мегуяд, ки «**дар ҶТ оила, никоҳ, падару модар, кудак будан, тахти ҳифзи давлат қарор дорад**». Бояд тазаккур кард, ки КО хуҷҷати калонҳаҷм буда дар таҳрири соли 2011 аз 176 модда иборат аст.

Боиси қайд аст, ки гарчанде дар ҷомеаи Тоҷикистон соли 1998-замони қабули КО, ҳодисаҳои иҷтимоии номатлуб - бинобар мушкилоти иқтисодии оила афзудани шумораи никоҳи ғайриқонунӣ, поён рафтани синни никоҳ, поймол шудани ҳуқуқи духтарон, навхонадорон, умуман иштирокчиёни раванди ташкили оила ба вуҷуд омаданд. КО синну соли оиладоршавиро

[1] Эмомалӣ Раҳмон. Паём ба вакилони мардумӣ ва фаъолони ҷомеа 21.01.2015.

дар 18 қарор дода, никоҳи динӣ-ро бекор донист. КО нисбати муайян кардани робитаҳои хешовандӣ ҳангоми бастани никоҳ меъёрҳоро тайяин карда, никоҳи хешони хунӣ, **(байни падар ва ё модар ва духтар ва ё писар, байни бобо ва ё бибӣ ва набера), шахсони дорои падар ва ё модар, бародар ё хоҳари умумӣ**; фарзандгир ва фарзанди қабулшударо манъ кард. Дар айни замон никоҳи шахсоне, ки аз онҳо ақаллан якеаш камақл ё бемори рӯҳӣ аст; шахсоне, ки ақаллан якеаш бинобар истифодаи машрубот ё маводи нашъадор аз тарафи суд корношоям шинохта шудааст, инчунин, никоҳи полигамиро манъ карда аст. Тағъиру иловаҳое, ки ба он ворид карда мешаванд, аз зарурати ҳаёт баромада нақши падидаҳои ҳаёти иҷтимоӣ, оилавӣ, сиёсиро дар худ доранд. Масалан, баъди дар ҷомеаи мо маъмул гардидани издивоҷ бо хориҷиён дар соли 2011 ба КО дар ин маврид тағъиру илова ворид карда шуд. Ин чора пеш аз ҳама масъалаи издивоҷ бо хориҷиёнро ҳамчун масъалаи алоҳидаи ҳуқуқӣ муайян намуд, ки ба ин васила ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳуқуқии шаҳрвандони ҶТ ба чорчӯби қонун ворид карда шуд. КО издивоҷкунандаи хориҷиро вазифадор мекунад, то ба замони издивоҷ бояд собиқаи на камтар аз яксолаи шахрвандӣ дошта бошад, барои шаҳрванди ба никоҳ медаровардааш манзил таъмин намояд, муносибатҳои оилавиашро бо шаҳрванди Тоҷикистон аз тариқи шартномаи никоҳ танзим намояд. Хуб мешуд, ки ин гуна талабот нисбати тамоми издивоҷкунандагон татбиқ мегардид, то ин ки вазъи иқтисодии оилаҳои ҷавон беҳбуд пайдо карда, шиддати иҷтимоии ин масъала поин мерафт. Масалан, яке аз рукнҳои асосие, ки бо одатҳои ҷомеаи анъанавии мо созгор нест, дар боби 6 модди 32 КО танзим мешавад, ки оид ба **ҳуқуқи баробари марду зан дар оила** суҳбат карда, муқаррар менамояд, ки **ҳар як ҳамсар дар интихоби касб, ихтисос, фаъолият, ҷои зист ва сукунат озод аст. Масъалаи падару модар будан, тарбия, таҳсилоти фарзандон ва дигар масъалаҳои ҳаёти оила дар асоси баробарии ҳамсарон ҳамроҳ ҳал карда мешаванд (З РТ от 26.12.11г., №791)** Қонун муайян карда аст, ки **ҳамсарон ӯҳдадоранд муносибатҳои худро дар оила дар асоси эҳтироми ҳамдигар, дастгирӣ, мусоидат ба некуаҳволӣ ва мустаҳкамии оила сохта нисбати некуаҳволӣ ва рушди фарзандон ғамхорӣ намоянд.** Дар асл бошад, аксаран ин талабот қурбони урфу одат шуда, дар шакли гунаҳои хушунат нисбати зан анҷом меёбад. Бинобар он, ки масъалаи хушунати оилавӣ дар Тоҷикистон ба андозаи хавфнок афзуд, соли 2013 Қонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии хушунат дар оила» қабул карда шуд. Аммо бо вуҷуди хеле муҳим будани ин қонун, он бинобар коркард нашудани фишангҳои татбиқи қонун дар амал ҳоло ноқис аст. Масалан, дар Қонун чандин субъекти татбиқ, аз ҷумла муассисаҳои маориф, тандурустӣ, корҳои дохилӣ ва дигар муассисаҳои давлатӣ таъкид мешаванд, аммо тарзи кор ва ҳамкории онҳо, ҷавобгарӣ барои риоя нашудани қонун, тарзи назорати татбиқи қонун, тарзи бақайдгирӣ ва оморҷамъкунӣ ва ҳ.к. муайян карда нашудаанд. Аммо дар ҳамин шакл ҳам, қонуни мазкур ҷиҳати поён рафтани сатҳи хушунати оилавӣ дар ҷомеаи мо саҳми назарраси худро гузошта истодааст.

Соли 2007 бо қабули **Қонуни танзими расму оин ва анъанаҳо** раванди ташкили оила хеле тағйиротҳо пазируфта, ин қонун барои аз вартаи камбағалӣ баровардани оилаҳои Тоҷикистон яке аз чораҳои муассире гардид.

Бисёр вақт мешавад, ки муқаррароти қонун бо одатҳои ҷомеаи мо мухолифат ё носозгорӣ доранд. Дар ин гуна ҳолат муқаррароти қонун сифати бештари замонавӣ будан, ҳифзи арзишхои умумибашариро таъмини карданро дорад. Ҳамин тавр худи ҳаёт нишон медиҳад, ки дар баробари мавҷудияти қонунҳои дахлдор бояд барои ба танзим даровардани расму оинҳои миллӣ чораҳои мушаххас дида шавад. Зеро ҳанӯз ҳам қисми муайяни аҳолии кишвар дар ҳоли тангдастӣ, камбағалӣ қарор дошта, қисме аз он соҳиби даромадҳои нисбатан хеле назаррас шудааст. Дар ҷомеа тақсимшавии аҳолӣ аз рӯи даромад возеҳтар шуда истодааст. Ҳуқуқ ва озодиҳои қисми камбизоати аҳолӣ бинобар пайравӣ аз одатҳои берун аз чорчӯбаи қонун помол мешаванд. Расму оин бо вуҷуди сифати қонунӣ надоштан ва барои иҷро ҳатмӣ набудан, аз тарафи «афкори умум» танзим мешавад ва вобаста ба он арзишҳои фарҳангӣ, динӣ, таърихӣ ва ақлонӣ ташаккулу татбиқ меёбад, ки хоси

ин ё он маҳал аст. Барои зинда мондан ва афзоиш ёфтани сафи пайравонашон, махсусан боло рафтани тафаккури мазхабӣ назаррас аст. Мавҷи нави ин раванд ба даврони истиқлол рост меояд, ки дар замина расму оин ва меъёру тарзу усули иҷрои он хеле гуногунранг шуда, хатто аз ҷихати минтақавӣ мухолифи ҳамдигар шуданд. Аксаран, муайян кардани меъёри расму оин на мувофиқи ақлу фаросат, балки вобаста ба эмоияи мардум, хоҳишу рахнамоиҳои лидерҳои нави ғайрирасмии маҳаллӣ ба вуҷуд меоянд. Ин сабаби кӯркурона, аз рӯи таассуб, ё ин ки пайравии афкори умум – аз рӯи усули «мардум ба мо нахандад» маросимҳои вобаста ба расму оин иҷро мегарданд. Дар баробари он, ки қонун «Дар бораи танзими расму оин», бо иштироки тамоми мардуми кишвар қабул шуд, ҳоло ҳам раванди татбиқи он ташаббусҳои фаъолонаи ҷомеаро металабад, зеро ба таври пинҳонӣ ва ошкоро ин маросимҳо амалӣ мегарданд.

Мардуми мо на танҳо дар иҷрои маросимҳои азодорӣ, балки дар баргузории маросимҳои шодӣ -туйҳо низ то холо ҳам пайрави хурофот мебошанд, гарчанде меъёрҳои ин гуна маросимҳо возеҳу равшан аст. (Ҳадди аксари азодорӣ барои мард се рӯз ва барои зан шаш моҳ муқаррар гардида аст. Пайғамбари ислом беҳтарин маросими туйи арусию домодиро камхарҷтарини он медонад).

**Адабиёт:**


1. Эмомалӣ Раҳмон. Паём ба вакилони мардумӣ ва фаъолони ҷомеа 21.01.2015.
2. Денисова А.А. Расширение возможностей женщин // Словарь тендерных терминов / Под. ред. А.А. Денисовой. М.: «Информация - XXI век», 2002.-С. 195-196.
3. Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2011.
4. Қонуни ҶТ «Дар бораи танзими анъана ва расму оин дар ҶТ»
5. Қонуни ҶТ «Дар бораи бартараф кардани хушунат дар оила»



**М. Т. Махмажанова**


**Социально-политическое и правовое регулирование семейных отношений**


Исследование и интерпретация социально-политических и правовых аспектов семейных отношений в РТ является актуальной проблемой, требующей активного участия как различных слоев общества, так и специалистов в области обществоведения, права и гендерных исследований. Главнейшим акцентом в этих исследованиях должны быть разъяснение светских основ семейных отношений и борьба с предрассудками и отсталостью, которые пагубно влияют на семейные отношения.



Ключевые слова: семейные отношений, семья, традиции, нормы, право, обществоведение.



**M. T. Mahmazhanova**


**Socio-political and legal regulation of family relations**


study and interpretation of socio-political and legal aspects of family relations in Tajikistan is an urgent problem that requires the active participation of both the different layers of society and experts in the field of social science, law and gender studies. The main focus of these studies should be an explanation of the secular foundations of family relations and the fight against prejudice and backwardness, which adversely affect family relationships.



**Ключевые слова:** семейные отношений, семья, традиции, нормы, право, обществоведение.

# РОБИТАИ ДИН ВА СИЁСАТ ДАР ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ЭРОН

**Ҳусайни Асгарӣ**[1]

Муаллиф дар мақолаи худ масъалаи робитаи дин ва сиёсатро баъд аз пирӯзии Инқилоби исломӣ дар Эрон ва барқарории ҳукумати диниро дар он кишвар мавриди баррасӣ қарор диҳад. Дар мақола ба таври мухтасар назарияҳои машҳур дар ин мавзӯъро дар се бахши "ҳазфи дин аз арсаи сиёсат ва ҷомеа", "ҷудоии дин ва ниҳодҳои динӣ аз ҳукумат" ва "робитаву пайвастагии ҳукумат бо дин"-ро зикр гардидааст.

**Вожаҳои калидӣ:** дин, сиёсат, секуляризм, ҳукумат, ҷумҳурият.

Корномаи амалкарди низоми ҷумҳурии исломӣ дар давоми се даҳсола дар Эрон сабаби чолишҳои бузурге аз дидгоҳи назарӣ байни андешамандон ва соҳибназарони динӣ ва ғайридинӣ гардидааст. Аз ин рӯ, дар ин мақола кӯшиш менамоем, то робитаи байни дину давлат дар Ҷумҳурии исломии Эронро мавриди баррасӣ қарор диҳем.

Умуман, агар нигоҳи аксари соҳибназарони ин соҳаро мавриди таҳлил қарор диҳем, пас ин се назарро метавонем ба таври хулоса матраҳ намуд:

Нигоҳи аввал, ишора ба нафй ва ҳазфи асли дин дар ҳавзаи ҷомеа мепардозад, ки дар байни соҳибназарони ин гурӯҳ бахше ба ин назаранд, ки дин фақат дар ҳавзаи фардӣ ва бахши дигар мӯътақиданд, ки ҳам дар ҳавзаи фардӣ ва ҳам дар ҳавзаи иҷтимоӣ бояд ҳазф гардад.

Нигоҳи дуюм, бар ин назар аст, ки дин аз ҳавзаи қудрату сиёсат ҷудо шавад. Ангезаи аслии тарҳи чунин масъалае дар миёни равшанфикрон ҳамон андешаи дунявият ё секуляризм мебошад. Аммо ангезаи аслии ин мавзӯъ дар миёни диндорон ва рӯҳониён на танҳо зиддият, балки барои ҳифз ва эҳтироми дин мебошад.

Нигоҳи сеюм бошад, дар атрофи се меҳвари робитаи дин ва сиёсат, робитаи ниҳоди дин ва ниҳоди сиёсат ва дар охир ҳам ба робитаи дин ва давлат вобаста аст.

Баҳси секуляризм ва дин дар Эрон солҳост, ки ба яке аз пуртарафдортарин назарияҳо дар байни равшанфикрони ин кишвар табдил шудааст, ба вижа, баъд аз Инқилоби исломӣ, ки байни ҳукумат ва дин пайванд ба вуҷуд омада аст. Ҳатто гурӯҳе аз равшанфикрони динӣ, сухан аз ҷудоии дин аз ҳукумат ва дахолат накардани дин дар кори ҳукуматдорӣ сухан мекунанд. Аммо бояд гуфт, бо вуҷуди баҳсу талошҳо, ки ҳаводорони секуляризм эҷод кардаанд, то ҳол кори мусбате дар ин кишвар анҷом нагардидааст.

Баҳси муносибати дину давлат дар Эрон баҳси тозае нест. Аз даврони Инқилоби машрута то ҳол чунин ба назар мерасад, ки ин муносибат се фароянди такомулиро тай намудааст:

Нахуст, марҳалаи шаклгирии секуляризм аз асри Қоҷория то ҳокимияти Ризошоҳ;

Дуюм, даврони ҳокимияти секуляризм аз рӯи кор омадани Ризошоҳ то пирӯзии Инқилоби исломӣ;

Сеюм, аз даврони пирӯзии Инқилоби исломӣ то ҳол.

Дар ин бахш матлаби асосӣ ин аст, ки робитаи дину давлат дар Ҷумҳурии исломӣ чӣ гуна бояд бошад? Барои посух бахшидан ба ин пурсиш се нигоҳе, ки баъд аз пирӯзии Инқилоб дар байни андешамандони динӣ ва ғайри динӣ, ки дар боло зикр кардем, мавриди таҳлил қарор хоҳем дод.

Нигоҳи аввал, ки ба нафй ва ҳазфи дин аз ҳавзаҳои фардӣ ва иҷтимоӣ қоил аст, бо таваҷҷуҳ ба маҳсули таҷрибаи ҷомеаи аврупоӣ ва Инқилоби Фаронса дар асри ҳаждаҳум, на танҳо хоҳони ҳазфи ниҳоди дину давлат ва ё ҳукумат ҳастанд, балки ба дунболи ҳазфи асли дин аз ҷомеа мебошанд, ки худи инҳо ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд. Гурӯҳе қоиланд, ки дин бояд фақат аз ҳавзаи иҷтимоӣ ҳазф шавад ва гурӯҳи дигар бар ин назаранд, ки дин на танҳо дар ҳавзаи иҷтимоӣ, балки ҳам дар ҳавзаи фардӣ ва ҳам дар ҳавзаи иҷтимоӣ

[1] Унвонҷӯи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АИ ҶТ

ҳазф гардад. Ин назария баробар бо лоисизм ба маънои ҳазфи дин дар тамоми ҳавзаҳои фардӣ ва иҷтимоӣ мебошад. (1)

Бояд қайд намуд, ки ин назар нав нест, пеш аз инқилоб низ гурӯҳҳои сиёсӣ ё назарияпардозоне буданд, ки бо асли ҳузури дин дар ҷомеа мухолиф будаанд ва эътиқоде ба дин чӣ дар ҳавзаи фардӣ ва чӣ дар ҳавзаи иҷтимоӣ надоштанд ва ба навъе метавон гуфт, ки динситез буданд. Вале феълан онҳо ҳам корномаи се даҳсолаи ҳукумати динӣ ва паёмадҳои манфии онро ба нафъи боварҳои худ бар зидди дин мавриди истифода қарор медиҳанд.

Акнун дар ин маврид чунин саволе ба миён меояд, ки оё ҷудоии комили дин аз ҳавзаи фардӣ ва иҷтимоӣ мумкин аст ё не? Аз он ҷо, ки бовармандон ва мубаллиғони ҷудоии дин аз ҷомеа худро ба демократия мӯътақид медонанд, дар ҷомеае, ки бештари онро диндорон ташкил медиҳад, бо як фикри зид рӯ ба рӯ ҳастанд. Агар ҳадаф истиқрори ҳукумати мардум бар мардум аст, дар он сурат агар бештари мардум озодона ба навъи хоссе аз ҳукумат раъй доданд, таклиф чист?

Ба иборати дигар, агар қарор бошад бар асоси эътиқод ва пешина ва табиати як гурӯҳи сиёсӣ, гурӯҳҳоро аз ҳуқуқи асосӣ ва мушорикат дар кори сиёсӣ маҳрум кард, қатъан гурӯҳҳои дигар ҳамонанди коммунистҳоро низ дар бар хоҳад гирифт. Ҳол саволе, ки пеш меояд ин аст, ки агар эътирози шумо пазируфта бошад, онҳое ки дар ҳоли ҳозир дар Ҷумҳурии исломӣ дар раъси қудрат ҳастанд, фаъолияти мухолифонро манъ мекунанд ва бар ин асос шумо ҳам дигар ҳаққи эътироз надоред.

Нигоҳи дуюм, бар ин аст, ки дин аз ҳавзаи қудрат ва сиёсат ҷудо шавад, аммо на аз қаламрави ҳаёти ҷомеа. Ангезаи аслии мӯътақидон ба ин нигоҳ дар миёни равшанфикрон ҳамон секуляризм мебошад. Аммо дар миёни диндорон на танҳо зиддият бо дин нест, балки ҳисси ҳифзи эҳтироми дин ва эътибори рӯҳониён мавҷуд аст. Метавон гуфт, ки дар байни диндорон ва рӯҳониён касоне буданд ва ҳастанд, ки чунин мавқеъе доранд. Баъзе аз олимони динӣ ҳатто пеш аз инқилоб ҳам чунин мавқеъро дошта ва таҷрибаи ҳукумати рӯҳониён баъд аз инқилоб онҳоро дар мавқеашон устувортар сохтааст.

Дар баробари ин дар миёни равшанфикрон касоне ҳам ҳастанд, ки бо таваҷҷуҳ ба нобасомониҳои манфие, ки аз роҳи ҳукумат ба боварҳои динии мардум ба вуҷуд меояд, дохил шудани рӯҳониён ба сиёсату қудратро нуқс бо манфиатҳо ва маслиҳатҳои дин ва ҳатто рӯҳоният ва ниҳодҳои динӣ медонанд. Масалан аз зумраи чунин ашхос марҳум оятуллоҳ Хуӣ ва оятуллоҳ Шариатмадорӣ аз ҷумлаи уламои динии буданд, ки дар сиёсат дахолат намекарданд ва ба ҳукумати исломӣ эътиқод надоштанд.

Ин нигоҳ дар маҷмӯъ аз вокуниши аввал асилтар, табиитар ва густардатар аст ва вокунише аз ҷониби диндорон ва ҳам аз ҷониби баъзе аз равшанфикрон ба вуҷуд оварда аст.

Нигоҳи сеюм, ба ҷудоии дин аз ҷомеа ва сиёсат аст. Бо таваҷҷӯҳ ба вижагиҳое, ки баён шуд, робитаи дин бо қудратро метавон дар се меҳвари ҷудогона баррасӣ кард:

А) Робитаи дин ва сиёсат;

Б) Робитаи ниҳоди динӣ ва ниҳоди қудратӣ (давлат);

В) Робитаи дин ва давлат.

**А) Робитаи дин ва сиёсат:** Дар мавриди аввал, яъне робитаи дин ва сиёсат саволи асосӣ ин аст, ки оё ҷудоии дин аз сиёсат мумкин ва муяссар аст? Барои посух ба ин савол аз ду зовия ҳам аз назари таҷрибаи таърихӣ ва ҳам аз назари илмӣ ва иҷтимоӣ метавон онро мавриди баррасӣ қарор дод. Аз назари таҷрибаи таърихӣ як намуна аз ҷомеаи муваффақ, ки битавонад дин барои муддати тӯлонӣ дар он ҳазф шавад, вуҷуд надорад, ки битавон ба он истинод кард. Яъне дар тӯли таърих робитаи байни дину давлат бо кадом тарзе, ки набошад вуҷуд доштааст. Ба монанди ин муносибат ба шакли ҳам таҷрибаҳои мусолиматомези доимӣ ва пайгир монанди Фаронса ва ҳам ба амалҳои хушунат ва саркӯб намудани дин дар Шӯравии собиқ.

Бо таваҷҷуҳ ба ин ки дин бахши ҷудоинопазир аз инсон ва ҷомеаи инсонӣ аст, ниёзи инсон ба дин ба мафҳуми густурдаи он кори зотӣ ва ҷудоии дин аз ҷомеа ва ҳазфи он аз муносибатҳои фардӣ ва иҷтимоӣ имконпазир нест.

Бинобар ин, ҷудо кардани дин аз сиёсат кори номумкин аст, хоҳ дин мавриди назари як дини комилан фардӣ ва шахсӣ

бошад ё дине бошад, ки монанди ислом, ки ба гувоҳии ҳатто ғайри мусулмонон вижагиҳои комилан фарқкунандае аз динҳои дигар, махсусан масеҳият дорад. Франс Барбия бо таваҷҷӯҳ ба ин сиришти вижаи ислом менависад: «Дар Фаронса падидаи нав ҳамоно аҳамият ёфтани ислом аст...чуноне ки медонем, ислом кори диниро аз кори сиёсӣ ҷудо намесозад ва дар ислом дин нуфузи бисёре дар зиндагии фардӣ, оилавӣ ва иҷтимоӣ дорад»[1].

Пас саволе ба вуҷуд меояд, ки агар наметавон динро аз ҷомеа ва сиёсат ҳазф кард, ё агар дар як низоми демократӣ масалан наметавон аз ворид шудани диндорон дар сиёсат пешгирӣ кард, оё метавон табақаи рӯҳониро аз ҷомеа ҳазф ва ё аз ворид шудани онҳоро дар сиёсат мамнӯъ сохт? Барои посух ба ин пурсиш зикри ду нукта зарурӣ аст:

Нуктаи аввал, ин ки дар тамоми динҳои ҷаҳон, чӣ тавҳидӣ ва чӣ ғайри тавҳидӣ табақае ба номи рӯҳонӣ вуҷуд дорад, ки вазифаҳои мухталифи динӣ монанди омӯзиши динӣ, анҷоми маросимҳои динӣ, таблиғ ва густариши дин, тафсир ва таъвили матнҳои динӣ ва ғайраро ба ӯҳда доранд. Дар баъзе аз динҳо вуҷуди ин табақа ҷузъи вазифаҳои онон дар матнҳои динӣ баён шудааст. Яъне, аз нигоҳи дарунидинӣ машрӯият ва расмият дорад. Дар баъзе аз динҳо монанди ислом чунин табақае расмият надорад. Аммо воқеияти иҷтимоӣ ин аст, ки амалан чунин табақае ба номи рӯҳоният дар миёни мусулмонон низ вуҷуд дорад. Ин табақа дар ҳама ҷо, махсусан дар тӯли таърихи Эрон аз нуфузи фаровоне дар миёни мардум бархӯрдор будааст. Ба назар намерасад, битавон аз шаклгирии чунин табақае дар ҷомеа ҷилавгирӣ ё онро ҳазф кард. Аз тарафе, ҳеҷ таҷрибаи муваффақи таърихӣ дар пеши рӯи мо нест, ки нишон бидиҳад чунин коре имконпазир аст. Ҳатто дар кишварҳое, ки бо сиёсати саркӯб ва ҳазфи дин ва ниҳодҳои диниро дунбол мекунанд, натавонистанд ин табақаро ҳазф кунанд. Дар Аврупо ҳам бо вуҷуди ин ки Ренессанс (Эҳё) бар зидди кашишон ва арбоби калисо буд, ин табақа аз саҳнаи ҷомеа ҳазф нашуд. Агарчи иқтидори худро дар қаламрави қудрати сиёсӣ ва ҳукуматӣ аз даст дода, аммо эътибор ва қудрати иҷтимоии худро ҳифз кард.

Нуктаи дуюм, агарчи рӯҳониён худро муфассир ва муаррификунандаи дин медонанд ва дар амал то ҳудуде дучори таассуб мебошанд, аммо дар ҳамкунишӣ бо мардум ва таҳти таъсири афкор, тамоюлот ва хостаҳои мардум қарор гирифтаанд ва аз худ инъитоф нишон додаанд.

Рӯҳониён дар Ҷумҳурии исломии Эрон ба унвони як ниҳоди динӣ падидаи иҷтимоӣ ҳастанд, ки дар як ҷомеаи демократӣ монанди дигар гурӯҳҳо ва табақаҳо метавонанд аз ҳуқуқ ва озодиҳои асосӣ бархӯрдор бошанд. Таҷрибаи миллатҳои дигар нишон медиҳад, ки ниҳодҳои динӣ (рӯҳониён) ҳамон андоза, ки метавонанд нақши харобкунанда ва боздорандаи рушди афкори умумиро иҷро намоянд ва боиси рукуди ҷомеа гарданд, ба ҳамон андоза ҳам дорои зарфият ва тавонмандии бакоргирии имконоти худ дар ростои таҳаққуқи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии мардум ва ё ироаи хадамоти умумӣ мебошанд.[2]

Дар як системаи демократӣ наметавон гуфт, ки ҳамаи табақаҳо, синфҳо ва қишрҳо метавонанд дар сиёсат дахолат кунанд, аммо табақаи рӯҳониён ҳаққи дахолат дар сиёсатро надоранд, агарчи метавон дар чорчӯби қонун дахолати созмонҳо ва ниҳодҳои синфӣ, аз ҷумла дахолати рӯҳониён дар сиёсатро тобеи муқарраároти қонунӣ гунҷонад, аммо наметавон фаъолияти онҳоро манъ кард.

**Б) Робитаи ниҳоди дин ва ниҳоди қудрат (давлат):** манзур аз ниҳоди дин маҷмӯаи созмонҳо ва иттиҳодияҳои расмии марбут ба рӯҳониён аст. Ин ниҳодҳо дар ҳар дине аз як эътибор ва қудрати молӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ бархӯрдоранд.

Воқеият ин аст, ки рӯҳониён ба далели иртибот бо мардум аз эътибор бархӯрдоранд ва аз ин роҳ барои нуфузи худ баҳра мегиранд. Мизони иддао ва ё имкони касби қудрати рӯҳониён ба мизони эътибори онон дар миёни мардум бастагӣ дорад. Ҳар куҷо ин эътибор ба далеле

---

[1] Барбия Мурис. Лоисизм дар Фаронса, тарҷумаи Абдулваҳҳоб Аҳмадӣ. –Теҳрон: Ҷомеаи нав, 1383 ҳ.ш. - С. 84.

[2] Яздӣ Иброҳим. Равшанфикрии динӣ ва чолишҳои ҷадид. –Теҳрон: Кавир, 1387 ҳ.ш. - С. 188.

коҳиш ёфта бошад, аз нуфузи онон низ коста мегардад ва дар натиҷа дар баробари қудрат ақибнишинӣ ва ё аз қудрат тамкин менамоянд.

Яке аз мушкилоти пешорӯи рӯҳониён нигоҳи онон нисбат ба машрӯияти қудрати худ мебошад, ба ин маъно, ки бисёре аз рӯҳониён сарчашмаи қудратро аз боло мебинанд. Дар назари онон (рӯҳониёни шиа) ҳокимияти мутлақ аз они Худост ва Худованд ин қудратро ба намояндагони худ (фақеҳон) вогузор намудааст. Бинобар ин, рӯҳониён муддаӣ ҳастанд, ки бо ин восита намояндагони Худо дар рӯи замин ҳастанд ва ташкили ҳукумати мазҳабӣ ва раҳбарӣ ва ҳидояти мардум ҳаққи илоҳии онон аст. Мардум ҳаққе надоранд, вале вазифадор ҳастанд ва вазифаи онон мушаххас кардан ва шиносоии раҳбарӣ ва итоати мутлақ аз он мебошад.[1]

Бар асоси ин дидгоҳ, ҳокимияти миллат дар имтидоди ҳокимияти Худованд аст, на дар муқобили он. Мардумсолорӣ низ бар пояи ба расмият шинохтани ҳуқуқи табиии инсонҳо аст, аз ҷумла, таъйини сарнавишт ва интихоби роҳу равиши зиндагӣ. Бар асоси ин андешаи сиёсӣ (мардумсолорӣ ё демократия) ҳаққи ҳокимият аз они миллат аст ва машрӯияти қудрат аз поин (аз мардум) ба болост.

Дар системаҳои демократӣ масъулони баргузидаи мардум худро вазифадор ба посухгӯй ба соҳибони аслии кишвар, яъне мардум медонанд, аммо баръакс дар низомҳои динии ғайридемократӣ ҳокимон худро масъул дар баробари Худо медонанд, на дар баробари мардум.

Ин назар дар давраҳое аз таърих коркард дошта, аммо бо таваҷҷуҳ ба густариши технологияи иртибототӣ ва рушди рӯзафзуни фарҳанг дар ҷаҳон системаи дар боло зикршуда қобилияти кории худро аз даст додааст.

Дар охир бояд гуфт, ки на ниҳоди дин ва на ниҳоди рӯҳоният ва на ҳеҷ ниҳоди дигар дар ҷомеа аз ҳаққи вижае бархӯрдор намебошанд. Дар нигоҳи воқеъбинона метавон ба ин натиҷа расид, ки мизони дахолат, нуфуз ва робитаи мутақобили ниҳоди дин дар ниҳоди давлату ҳукумат ба мизони қудрати ҳар як аз ин ду ниҳод ва шароити фарҳангӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии кишварҳо бастагӣ дорад.

[1] Сақафӣ Мурод. «Равшангарии динӣ ё бозандешии сиёсӣ?» //Гуфтугӯ//, шумораи 29.

В) Робитаи дин ва давлат: Яке аз машғулиятҳои сиёсӣ ва эътиқодии дерини инсон мазӯъҳои сиёсӣ ва ҷомеашиносӣ ва динӣ аст. Аммо мавзӯе, ки баъд аз Инқилоби исломӣ дар Эрон зеҳни равшанфикронро ба худ машғул кардааст, робитаи дин ва давлат дар ҷомеаи ҳозира аст

Робитаи дин ва давлат мавзӯи бисёр печида буда аст, ки дер боз мавриди баҳсу баррасии соҳибназарон қарор дорад. Дар ин замина бояд масъалаҳо ва паҳлӯҳои дақиқи онро ба назар гирифт.

Сохтори қудрати сиёсӣ, ҳукумат ва давлат дар бисёре аз кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла кишварҳои мусулмонӣ тағйироти умдае ёфтааст. Дар гузаштаи на чандон дур низоми сиёсии бештари кишварҳои мусулмонӣ истибдодӣ, тамомиятхоҳ (тоталитарӣ) буд ва мардум нақши чандоне дар таъйини давлат ва ҳукумат ва сарнавишти худ надоштанд. Аммо дар асри ҳозир тағйироти асосӣ пайдо шудааст, аз ҷумла, дар Эрон бо пирӯзии Инқилоб фароянди таҳаввулоти сиёсӣ дар саросари ҷаҳон ба сӯи демократия ва ҷумҳурият ба пеш меравад.[2] (5)

Баъзе аз назарияпардозон ҳукумати исломиро ба унвони яке аз ниҳодҳои аслии дин медонанд ва мӯътақид ба ҷудоии дин ва давлат нестанд. Дар муқобил, гурӯҳе мӯътақиданд, ки ислом барои таъсиси ҳукумат наёмада ва ҳукумати исломӣ бо моҳияти дини ислом муғойират дорад.[3]

Низоми сиёсии Эрон ҷумҳурии исломӣ аст. Ду рукни асосӣ, яъне ҷумҳурият ва исломият дорад. Ҷумҳурият бар пояи қабули ҳокимияти миллат ва мардумсолорӣ аст. Таъкиди Қуръон бар ҳокимияти Аллоҳ аст ва тасбити ҳокимият бар ӯҳдаи мардум мебошад ва нафйи ҳокимияти ҳар қудрати дигаре бар мардум аст. Дар ҳоле ки аз ин пеш, ҳокимияти мардум матраҳ набуд. Мумкин аст, дар мавриди шеваи ҳокимияти мардум назарияҳои гуногуне ироа гардад, аммо воқеият ин аст, ки бо пирӯзии инқилоб ҷумҳурият, яъне

[2] Шариатӣ Алӣ. Мазҳаб алайҳи мазҳаб. –Теҳрон: Сабз, 1361 ҳ.ш.- С. 197.
[3] Ҳоирии Яздӣ Маҳдӣ. Ҳикмат ва ҳукумат. –Теҳрон: Гоми нав, 1380 ҳ.ш. - С. 125.

мардумсолорӣ ва ҳокимияти мардум дар Эрон пазируфта шудааст. Асли ҷумҳурият ба ин маъност, ки сохтор ва мӯҳтавои низом бар асоси назар ва орои мардум танзим гардад. Табиӣ аст, агар мардум диндор бошанд, динмадорӣ ва динмеҳварии онон дар сохтор ва мӯҳтавои низом мунъакис мегардад. Ин таъсир дар мавриди бединии мардум низ содиқ аст. Аз он ҷо, ки исломият унсури решадор дар Эрон мебошад, ҳатто агар қайди исломӣ ҳам бо ҷумҳурӣ набошад, хоҳу нохоҳ ба таври табиӣ ҷойгоҳи худро дар сохтору муҳтаво пайдо хоҳад кард.

Робитаи дину давлат дар чунин раванде ба таври табиӣ ҳузур ва зуҳур пайдо мекунад. Дараҷа ва сатҳу мизон ва заъфу шиддати ин ҳамкуниշӣ ба орои мардум ва таҷрибаи сиёсӣ ва иҷтимоии онон бастагӣ дорад ва бар асоси он бахши бисёр васеъе аз робитаро метавон пешбинӣ кард.[1]

Дар охир ба таври хулоса метавон зикр кард, ки пирӯзии Инқилоби исломӣ ва се даҳсолаи ҳукумати динӣ сабаб гардид, ки байни равшанфикрон дар робита бо чигунагии навъи ҳукумат ва чигунагии идораи кишвар назарҳои гуногуне пешниҳод гардад. Гурӯҳе талоши бевосита ва бавосита намуданд, ки динро аз сиёсат ҷудо бидонанд ва ин тавр таблиғ мекарданд, ки ислом як дини фардӣ буда, робитаи инсону Худо дар бар мегирад ва ҳеҷ иртибот бо ҷомеа ва сиёсат ва ҳаракати иҷтимоӣ надорад. Гурӯҳе ҳам қоил ба нафй ва зиддияти асли дин аз ҷомеа ҳастанд. Гурӯҳи дигар қоил ҳастанд, ки метавон байни дин ва сиёсат ва ниҳоди дин ва ниҳоди сиёсат ва байни дину ҳукумат иртибот барқарор кард. Ҳарчанд дар ин давра ҳукумати динӣ дорои нобасомониҳое буда, аммо метавон бо таваҷҷуҳ ба зарфияти ин тағйири ислоҳӣ сурат дод ва метавон ҳукуматро бо шеваи исломӣ идора кард.


**Адабиёт:**

1. Ҳумоюн Дорюш. Ҷудоии дин аз сиёсат бас нест…сайтҳои апрели с. 2004
2. Барбия Мурис. Лоисизм дар Фаронса, тарҷумаи Абдулваҳҳоб Аҳмадӣ. –Теҳрон: Ҷомеаи нав, 1383 ҳ.ш.
3. Яздӣ Иброҳим. Равшанфикрии динӣ ва чолишҳои ҷадид. –Теҳрон: Кавир, 1387 ҳ.ш.
4. Сақафӣ Мурод. «Равшангарии динӣ ё бозандешии сиёсӣ?» //Гуфтугӯ//, шумораи 29.
5. Шариатӣ Алӣ. Мазҳаб алайҳи мазҳаб. –Теҳрон: Сабз, 1361 ҳ.ш.
6. Ҳоирии Яздӣ Маҳдӣ. Ҳикмат ва ҳукумат. –Теҳрон: Гоми нав, 1380 ҳ.ш.
7. Яздӣ Иброҳим. Равшанфикрии динӣ ва чолишҳои ҷадид. –Теҳрон: Кавир, 1387 ҳ.ш.


[1] Яздӣ Иброҳим. Равшанфикрии динӣ ва чолишҳои чадид. –Теҳрон: Кавир, 1387 ҳ.ш. - С. 152.


**Хусайни Асгари**


**Соотношение религии и политики в исламской республики Ирана.**


Автор данной статьи рассматривает некоторые важные аспекты вопросов о связь между религии и порлитики в Иране. Кроме того уделяется значимое место в создании религиозной правительство в Иране. Статья очень четко анализирует три важных теоретическых основ включая:

Разделение религии из цепи поитики и общество.

Противоречающие взгляды других людей о религии и религиозные угрозы.

Соотношение между правительство и религии.



**Ключевые слова:** религия, политика, секуляризм, правительство



**Husain Asqari**


**Interrelation of the Religion and Politics in the Islamic Republic of Iran**


The author in his article investigates the problems of the interrelation of the religion and politics in the Islamic Republic of Iran, after the victory of the Islamic Revolution and the establishment of the religious government in the country. He tried in concise form to analyze current known theories on the subject, which proposed by Iranian investigators. The proposed theories consist of three significant approaches on the subject, such as retreat of religion from the political space and society, separation of the religion and religious institutions from the government and the relation and union of the religion with the government.



**Key words:** religion, politics, secularism, government

# НЕКОТОРЫЕ ОСОБЕННОСТИ ЭКОЛОГИЧЕСКОЙ БЕЗОПАСНОСТИ В УСЛОВИЯХ ТРАНСФОРМАЦИИ ОБЩЕСТВА.

**Джумаев Д.С.**[1]

В названной статье автор, анализируя специфические особенности экологической безопасности в условиях трансформации общества, рассматриваетэкологические факторы,представляющие угрозы ивлияющие на экологическую инациональную безопасность республики.

Важность данного вопроса, больше всего, направлена на защиту жизненно важных интересовреспублики отэкологических угроз,возникающих в результате антропогенных и иных воздействий на окружающую среду, а также на необходимостипредотвращение и ликвидации их негативных последствий.

**Ключевые слова:** Экологическая безопасность, экологическая политика, национальная безопасность, рациональное использование природных ресурсов, экологические угрозы, трансформация природных экосистем, борьба с радиоактивным загрязнением окружающей среды, радиационная безопасность, обезвреживание отходов, деградация земель, таяние ледников, вырубка лесов, и др.

В современных условиях экологическая безопасность занимает важное место в системе национальной безопасности Республики Таджикистан, и её состояние является непременным условием выживания человечества.

Как известно, в условиях новейших экологических угроз нынешнего столетия она является составляющая национальной безопасности, обязательным условием устойчивого развития и выступает основой сохранения природных систем и поддержания соответствующего качества окружающей среды.

Сегодня экологическая обстановка на территории республики несмотря на относительное благополучие остается сложной и по отдельным показателям остается напряженной и может нанести серьезный ущерб национальной безопасности. Она может привести к необратимым последствиям не только в животном и растительном мире, но и к генетическим изменением человека.

В этой связи обеспечение национальной безопасности Республики Таджикистан в экологической сфере становится одним из приоритетных направлений деятельности государства в Таджикистане.

Прежде всего,к числу приоритетных направлений деятельности государства в экологической сфере относятся: рациональное использование природных ресурсов, воспитание экологической культуры населения; предотвращение загрязнения природной среды за счет повышения степени безопасности технологий, связанных с захоронением и утилизацией токсичных промышленных и бытовых отходов; борьба с радиоактивным загрязнением окружающей среды; проведение мониторинга радиационной обстановки, влияющей на здоровье и генофонд населения; создание и внедрение безопасных производств, поиск способов практического использования экологически чистых источников энергии, принятие неотложных природоохранных мер

[1] Соискатель кафедра политологии Кулябского государственного университета.

в экологически опасных регионах страны.

Вместе с тем следует напомнить, что в Таджикистане существует много проблем экологического характера, в частности радиационное воздействие на население и окружающую среду, большое скопление производственных и бытовых отходов, деградация земель, таяния ледников, вырубка лесов, деревьев и кустарниковых насаждений, учащающиеся экстремальные погодные явления вместе с температурными изменениями и постоянные стихийные бедствия, которые отрицательно влияют на обеспечения устойчивого развития страны и улучшение качества жизни населения.

На современном этапе развития Республики Таджикистан острыми остаются вопросы исторических загрязнений, которые сформировались в период вхождения страны в состав Советского Союза, а также после обретения независимости. Особую угрозу и опасность для окружающей среды и здоровья людей представляют большое количество радиоактивных отходов, образовавшихся в результате деятельности уранoccперерабатывающей промышленности в республике, начавшейся еще в конце 40-х годов прошлого века.

Как известно,производство уранового концентрата впервые начиналось еще в 1944 году на опытном заводе города Б.Гафурова, а затем на территории Согдийской области было построено еще 6 заводов по добыче закиси-окиси урана.

Из указанных заводов до конца 60-х годов остался один крупный завод «Востокредмет» в городе Чкаловске, который в 80-е годы перерабатывал до 1 млн. тонн руды из рудников Таджикистана, Узбекистана и Кыргызстана.

Следовательно, в течение 50 лет на территории названных районов Согдийской области приблизительно накопилось более 55 млн.тонн радиоактивных отходов. Эти отходы сосредоточены в 10-ти неохраняемых хвостохранилищах с общей площадью 180 га, которые расположены вблизи населенных пунктах, а также в верховьях водных притоков реки Сырдарьи как историческое наследие Советского Союза. В данное время экологическое состояние многих хвостохранилищ и близлежащих к ним территорий не полностью соответствуют современным международным требованиям радиационной безопасности и оказывают отрицательное влияние на здоровье человека и окружающую среду.

Следует отметить, что предприятия урановой промышленности северного Таджикистана вносили большой вклад при создании первой атомной бомбы СССР и в развитии этой отрасли в дальнейшем до распада Советского Союза. Если раньше выделялись централизованные субсидии для поддержания этих хвостохранилищ в хорошем состоянии, то после распада СССР у государства для этих целей вкладывать огромных средств отсутствует.

Необходимо отметить, что в тот период требования норм радиационной безопасности держали в секрете или не выполнялись, поскольку задачи повышения производительности добычи продукции имели приоритетное значение в ущерб экологической безопасности. По этой причине часто пренебрегались требования охраны окружающей среды и охраны здоровья людей в процессе добычи и переработке урановых руд, а также утилизации отходов. Охрана окружающей среды не была определена в

качестве приоритета, а также не были определены соответствующие критерии безопасной деятельности.

В данное время экологическое состояние большинство хвостхранилищ и близлежащих к ним территории, в основном находится в пределах экологических норм уровня гамма-излучения при

